Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

29 январи соли 2022 Шанбе № 8 (14813)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ДАСТГИРИИ МОДДИИ ҚИШРИ АҲОЛИИ БА ҲИМОЯИ ИҶТИМОӢ ЭҲТИЁҶМАНД

Бо мақсади пурзӯр намудани ҳимояи иҷтимоӣ ва дастгирии моддии манзилноки аҳолӣ, вусъатдиҳӣ ва минбаъд баланд бардоштани самаранокии мадади пулии шаҳрвандон ва пиронсолони дасттанҳои эҳтиёҷманди дастгирӣ:

1. Ҷорӣ намудани пардохти ҳармоҳаи ҷубронӣ барои шахсони тоифаҳои имтиёзнок (минбаъд – пардохтҳои ҷубронӣ) ба ҷои имтиёзоте, ки қонунгузорӣ дар бобати пардохти хидматрасонии иқомативу коммуналӣ бинобар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 27 марти соли 2003 №ФП-3227 «Дар бораи аз 1 апрели соли 2003 ҷорӣ намудани пардохти пулии ҷубронӣ ба ҷои имтиёзоти пешниҳодгардида дар бобати пардохти хидмати истиқомативу коммуналӣ» муайян кардааст, ба эътибор гирифта шавад.

2. Аз 1 марти соли 2022 муқаррар карда шавад, ки:

а) пардохтҳои ҷубронӣ ба тамоми шахсони тоифаи соҳибимтиёз, ки барои дарёфти он ҳуқуқ доранд, новобаста аз гирифтан ва ё нагирифтани нафақа (кумаки иҷтимоӣ) ва ҳамчунин роҳандозӣ ва ё ба роҳ наандохтани фаъолияти меҳнатии шахсони мазкур пардохта мешавад;

б) пардохтҳои ҷубронӣ ба шахсони дасттанҳо, ба мадади бегонагон эҳтиёҷманде, ки кумаки иҷтимоӣ мегиранд, ҷорӣ карда мешавад.

Ҳамзамон пардохтҳои ҳармоҳаи ҷубронии шахсони дасттанҳо, ки ба мадади бегонагон эҳтиёҷ доранд, ки кумаки иҷтимоӣ мегиранд, дар андозаи 45 фоизи ҳаҷми базавии ҳисоби нафақа пардохта мешавад;

в) пардохти ҳармоҳаи иловагӣ ба кумаки иҷтимоии шахсоне пардохта мешавад, ки ба синни 100 ва бештар аз он расидаанд, дар ҳаҷми 100 фоизи ҳаҷми базавии ҳисоби нафақа ҷорӣ карда мешавад.

Ҳамзамон пардохти иловагии ҳармоҳа ба кумакпулии шаҳрвандон, ки ба синни 100 ва болотар аз он расидаанд, аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳурӣ ва Фонди нафақаи ғайрибуҷетӣ аз тариқи ташкилоте, ки дар он нафақа ва кумакпулӣ муқаррар карда шудааст, таъмин карда мешавад.

3. Ба Вазорати молия, Агентии иттилоотии миллии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телерадиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ супурда шавад, ки корро дар бобати васеъ равшан намудан дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаҳои Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мақсад ва вазифаҳои Фармони мазкур ва натиҷаҳои интизории онро ташкил намоянд.

4. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бинобар илова тағйирот ва иловаҳо дохил карда шавад.

5. Ба зиммаи вазири молия Ишметов Т.А. масъулияти шахсӣ барои ташкили босамари иҷрои Фармони мазкур ва таъмини пардохти ҷуброн ва иловапулии шаҳрвандон дар давраи пардохти нафақа ва кумакпулӣ гузошта шавад.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қӯчқоров Ҷ.А. гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
28 январи соли 2022.

ВАЗИФАҲОИ БАРТАРИНОКИ ИНКИШОФИ ТАЪЛИМИ МАКТАБӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Зери раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 28 декабр ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба масъалаҳои рушди таълими мактабӣ баргузор гардид.

Ояндаи мамлакат, муваффақияти тамоми ислоҳот ва лоиҳаҳо аз вуҷуд доштани низоми сифатноки таълим вобаста аст. Аз ин рӯ дар чор соли охир корҳои зиёд дар заминаи беҳсозии сифати таълим, баланд бардоштани мақоми муаллим анҷом дода шуд. Ҳоло мамлакатамон ба марҳалаи нав дохил мегардад ва маҳз масъалаҳои рушди таълим ва сармояи инсонӣ чун масъалаи муҳими чорум дар Стратегияи рушди Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2026 муайян гаштааст.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки рушди мактаб «масъалаи ҳаёт ва мамот» мебошад.

– Мо дар ин соҳа ҳаққи кашол додани ислоҳотро надорем. Ҳарчи мураккаб ҳам набошад, аз имрӯз эътиборан мо бояд таҳкурсии мустаҳками таълими мактабиро гузорем. Тамоми эътибор ва захираро барои ин равона мекунем. Ин роҳ мураккаб аст, аммо фақат ҳамин тамоми мушкилотро ҳал карда метавонад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки беҳсозии фаъолияти мактабҳо натанҳо вазифаи Вазорати маорифи халқ, балки тамоми вазорат ва идораҳо, ҳокимиятҳо, ташкилотҳои илмӣ, зиёиён ва умуман ҷамъияти васеъ бояд бошад. Аз он ҷумла 10130 мактаб дар тамоми мамлакат бояд такмил дода шавад. Аз ин ояндаи беш аз 6 миллион нафар хонандагон ва беш аз 500 ҳазор муаллимон, намояндагони тамоми қишрҳои ҷамъият, ҳар як оила вобаста аст.

Дар ҷамъомад мушкилот ва масъалаҳои муҳими соҳа зикр гардиданд.

Ҳоло 1695 мактаб муҳтоҷи таъмири капиталӣ аст. Мутаассифона, ҳанӯз 179 мактабе, ки аз гил сохта шудааст, фаъолият дорад. Беш аз 3 ҳазор мактаб ба биноҳои иловагии таълимӣ эҳтиёҷ дорад. Беш аз 2 ҳазор мактаб толори варзишӣ надорад.

Ғайр аз ин бинобар бунёди мавзеъҳои нави иқоматӣ, васеъ гардидани инфрасохтори деҳот ва афзоиши аҳолӣ барилова 270 мактаб бунёд намудан талаб карда мешавад.

Стандартҳои ҷории таълим ва барномаҳои таълимӣ фақат барои дониши назариявӣ гирифтани хонандагон нигаронда шуда, бачагонро ба тафаккури мантиқӣ, дар амал татбиқ намудани дониш намеомӯзонад ва ба ҳаёт омода намегардонад.

Аз 504 ҳазор муаллимоне, ки дар мактабҳо кор мекунанд, 60 ҳазорашон соҳиби маълумоти миёнаи махсус, 190 ҳазорашон тоифаи касбӣ надоранд. Бисёр муаллимон дониш ва маҳорати кофӣ надоранд. Муаллимон кӯшиш мекунанд, ки «соати дарсии зиёд ба даст дарорад», на ин ки дарсро босифат гузаранд.

Дар низоми таълими мактабӣ ҳанӯз беш аз 200 намуди ҳисобот тартиб дода шуда, дарс ва чорабиниҳо аз рӯи усули якранга баргузор мегардад. Фонди китоби китобхонаҳои мактабҳо солҳои сол нав намегардад. Фақат 615 мактаб соҳиби дастгоҳҳои миллии мусиқианд.

Баҳо додан ба мактабҳо, сертификатсия ва аккредитатсияи онҳо ба номаш гузаронда шуда, барои беҳсозии муҳити таълим мусоидат намекунанд.

Ин камбудиҳо куллан таҷдиди назар намудани ҳама гуна бархурдҳоро дар низоми маорифи халқ, такомули куллии онро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, таъкид гардид дар ҷамъомад, ислоҳоти фарогир дар бобати навсозии чӣ намуди зоҳирӣ ва чӣ мазмуни дохилии мактаб, ба дарачаи куллан сифати нав роҳандозӣ мегардад.

– Мо методикаи таълим, китобҳои дарсӣ, ҳама – аз курсии синф то бинои мактабро аз нав дида мебароем. Дар дарачаи ноҳияҳо, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ шӯроҳо дар бобати ислоҳоти таълими мактабӣ ташкил карда мешаванд. Ман шахсан дар Шӯрои ҷумҳурӣ раисӣ ҳоҳам кард. Ба шӯроҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ ҳокимон роҳбарӣ мекунанд, – гуфт Президент.

Ин шӯроҳо кори худро дар машварат бо мардум, бо назардошти фикри муаллимон, падару модарон ва мутахассисон ташкил менамоянд.

Дар ҷамъомад вазифаҳои бартаринок дар соҳаи рушди таълими мактабӣ муайян гардиданд.

Дар панҷ соли наздик барои 1,2 миллион хонанда ҷой бояд ба вуҷуд овард. Роҳбари давлат дар бобати афзудани гунҷоиши низоми мактаб аз ҳисоби соҳтмони мактабҳои нав ва биноҳои иловагии таълимӣ дар мактабҳои мавҷуда супоришҳо дод.

Таъкид шуд, ки аз ин пас бо ин масъалаҳо ҳокимони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо машғул хоҳанд гардид. Ғайр аз маблағе, ки давлат ҷудо мекунад, ба мактабҳо қисме аз даромади буҷети маҳаллӣ равон карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш, мактабҳои нав зери назорати фаъолони ҷамъиятӣ, падару модарон ва ҷамъият сохта, ба истифода супурда мешаванд.

Ба Вазорати соҳтмон таҳияи лоиҳаи мактабҳои намунавӣ бо назардошти талаботи замон супурда шудааст.

Пас аз шароит, масъалаи ояндаи муҳим вазъият дар мактабҳо мебошад. Роҳбари давлат дар ҳоле ки ногузирии ислоҳоти идораи соҳаро таъкид мекард, дар бобати таъин намудани роҳбарони садоратҳои маорифи халқ ва директорони мактабҳо аз ҷумлаи менеҷерҳои баландмалака, ҷалби мутахассисони хориҷӣ тавсияҳо дод.

Ба Вазорати маорифи халқ таҳияи талаб ва маҳак нисбат ба ин мутахассисон бо мунчар ба натиҷаҳои дақиқ супурда шуд.

Чорабиниҳои иловагӣ дар заминаи рағбатноксозии муаллимони баландмалакае, ки таҷрибаи нодири педагогии худро ташаккул додаанд, муайян карда шуданд. Ҳамин тариқ, Фонди вазири маорифи халқ таъсис мегардад, ки дар марҳалаи аввал ба буҷет 300 миллиард сӯм дарёфт мекунад. Маблағи фонд барои рағбатноксозии муаллимоне, ки технологияи пешқадами педагогиро татбиқ менамоянд ва шогирдонашон ба натиҷаҳои баланд ноил мегарданд, равона мегардад.

Ташаббусҳо низ дар бобати дар ҳар як вилоят ба вуҷуд овардани «гурӯҳҳои методии сайёр» дар ҳайати муаллимони донишкадаҳои педагогӣ, муассисаҳои таълими олӣ, литсейҳои академӣ ва мактабҳои махсус низ баён гардиданд. Онҳо аз мактабҳое бозгиди менамоянд, ки сифати таълимашон паст буда, бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ мебаранд ва ба муаллимон дар азхуд намудани методикаи нав ҳамдастӣ мекунанд. Барои ин ба музди меҳнати онҳо иловапулӣ муқаррар мегардад.

Низоми тарбияи муаллимон низ ба таври куллӣ беҳтар мегардад. Бо ин мақсад 5 муассисаи таълими олӣ дар Тошканд ва 17-то дар минтақаҳо ба мактабҳо вобаста карда мешаванд. Донишҷӯён эътиборан аз курси аввал таълимро бевосита дар мактабҳо мегузаранд. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи касбии ҳам донишҷӯён ва ҳам муаллимони мактабҳо ва устодони муассисаҳои таълими олӣ баланд гардад.

Супурда шуд, ки сарбории таълимӣ ва миқдори дарсҳо дар мактабҳо таҷдиди назар гардида, усулҳое татбиқ карда шаванд, ки бачагонро ба фикр кардан водор месозад, китобҳои дарсӣ дар асоси таҷрибаи пешқадам пурра нав карда мешаванд.

Ба ташкили мазмунноки вақти холии хонандагон, фаъолсозии маҳфилҳои варзишӣ ва бадеӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Дар ҳоле ки аҳамияти фавқулоддаи ислоҳот дар соҳаи таълими мактабиро таъкид намуд, роҳбари давлат ба шахсони масъул таҳия намудани стратегияи марбутро дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ супориш дод. Муайян карда шуд, ки дар асоси ин Барномаи рушди таълими мактабӣ қабул хоҳад гардид.

Дар ҷамъомад пешниҳодҳои вазирон ва ҳокимон, муаллимон ва директорони мактабҳои тамоми минтақаҳои мамлакат шунида шуд.

ЎзА.

МАРКАЗИ НАВИ ТРАВМАТОЛОГИЯ ВА ОРТОПЕДИЯ

Дар ноҳияи Ӯзбекистони вилояти Фарғона боз як клиникаи хусусии тиббии замонавӣ ба кор шурӯъ кард. Ба истифода дода шудани маркази нави дуошёнаи дорои имкониятҳо боиси боз ҳам беҳтар шудани ёрии тиббӣ дар соҳаи травматология ва ортопедияи ноҳия мегардад.

Ҳамчунин, мутахассисони соҳибмалака дар самти физиотерапия низ бо кӯмаки дастгоҳҳои ташхисгузорию замонавӣ ба тандурустии аҳолӣ камар бастаниянд.

– Арзиши лоиҳавии муассисаи тиббии мо 2,5 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, – мегӯяд ташаббускори лойиҳа, травмотолог-ортопед Муҳсинҷон Мамаҷонов. – Яке аз мақсадҳои асосии мо шароити мусоид фароҳам овардан аст. Мо ният дорем, ки минбаъд фаъолиятамонро беш аз беш вусъат диҳем, таҳҷизоти нави тиббӣ ворид карда, хидмати махсуси иловагии тиббиро ҷорӣ намоем. Аз ҷумла, ҷарроҳии эндоскопиро дар ин ҷо анҷом хоҳем дод.

Тавре ки қайд гардид, дар натиҷаи ба кор андохтани муассисаи тиббӣ 16-ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Ба наздикӣ бо ифтитоҳи шуъбаҳои иловагӣ, толорҳои варзишӣ ва фитнес дар ин бино, шумораи бо шуғл фарогирифтагон беш аз 30 нафарро ташкил хоҳад дод.

М.СУЛАЙМОНОВ,
мухбири ЎзА.
Суратгир:
М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол

СИЁСАТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ ВА ДАРАҶАИ ҲАЁТИ МАРДУМ

Барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ сармоягузорӣ аҳамияти калон дорад. Зеро ҳар чӣ қадар инвеститсия афзоиш ёбад, ҳамон қадар иқтидору иқтисоди мамлакат пурсамару пурзӯр хоҳад шуд.
Таҷрибаи кишвар исбот кардааст, ки афзоиши иқтисод аз молия вобаста мебошад.

– Мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки дар соли нав қисми даромадҳои буҷетиро боз ҳам барзиёд иҷро намоем, – гуфт сардори Садорати идораи молияи вилояти Самарқанд Ботур Мирзоев, – охир афзоиши иқтисодиёт имконияти ривоҷдиҳии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла тиб, таълим, нав кардани инфрасохтор ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро васеътар мекунад. Аз ин сабаб, дар соли 2022 рочеъ ба такмили сиёсати андозу буҷет даромадҳои буҷети маҳаллӣ дар Самарқанд 3 триллиону 956 миллиард сӯм пешбинӣ шудааст.

Боз як навиди муҳим – ба мақсади бо соҳибкорӣ ва шуғли фоиданок таъмин кардани аҳолӣ сохтори нави кори маҳаллабайҷ, яъне барои роҳандозӣ кардани фаъолиятҳои ёрдамчиёни ҳоким дар маҳаллаҳо аз буҷаи вилоят қариб 84 миллиард сум маблағ ирсол хоҳад шуд.

Кишвари мо бо шароити мураккаби демографӣ, яъне афзоиши аҳолӣ низ фарқ дорад. Масалан, ҳар сол аҳолии ҷумҳурӣ ба 600-650 ҳазор нафар меафзояд. Бинобар ҳамин хеле муҳим аст, ки барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шавад. Аз ҳамин сабаб моҳи феврали соли 2019 фармони сарвари давлатамон оиди барӯйхатгирии аҳолӣ ба имзо расид.

Аксарияти мардуми мо фикр мекунанд, ки чунин тадбир барои муайян намудани чӣ қадар будани аҳолӣ гузаронида мешавад. Ин рост, вале афзалияти дигари тадбир дар он аст, ки мо ба маълумоти чӣ қадар мардум бо кори фоидаовар машғуланд, кӣ ба чӣ муҳтоҷ шудааст, масъалаҳои таъминот бо манзили зист, истифода аз қитъаи назди ҳавлӣ дар кадом сатҳ аст ва ғайра соҳиб мешавем.

Бешубҳа, маъракаи муҳими сиёсӣ – рӯйхатгирии аҳолӣ ба бисёр саволҳо ҷавоб хоҳад дод.

– Статистика илмест таҳлил ва тадқиқи ҷиҳатҳои миқдори ривоҷи истеҳсолоту ҷамъият ва таносубу тағйироти онҳоро меомӯзад, – мегӯяд устоди Донишкадаи иқтисодиёт ва сервиси Самарқанд Илҳом Вафоев.

Чанде пеш мо аз таҷрибаи таҳлилу баҳодиҳӣ ба ривоҷу равнақи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ бепарво будем. Хушбахтона, бо сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлатамон дар мамлакат таваҷҷуҳи хоса ба инвеститсия нигаронида шудааст. Ҳукумат ба нақша гирифтааст, ки дар солҳои 2022-2026 ба кишварамон 70 миллиард доллар сармояи хориҷӣ дохил шавад. Ин маънои онро дорад, ки иқтисод мустаҳкам гардида, некӯаҳволии мардум афзун мегардад.

Дар сессияи навбатии шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд таъкид гардид, ки соли равон бо такмили сиёсати андозу буҷет даромад ба 4,5 триллион сӯм хоҳад расид.

Ин маънои онро дорад, ки дар Соли гиромидошти инсон ва рушди маҳаллаи фаъол сатҳи зиндагӣ боз ҳам баланду беҳтар мешавад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Дар ноҳияи Учкӯприки вилояти Фарғона маҷмӯи нави савдо бунёд меёбад. Барои ба амал татбиқ намудани лоиҳаи мазкур 15 гектар майдон ҷудо карда, ширкатҳои бузурги бинокории вилоят, 50 техника ва тақрибан 900 коргар ҷалб шуданд.

ДАР МАҶМӮИ НАВИ САВДО 7 ҲАЗОР ҶОЙИ КОРӢ ТАШКИЛ ХОҲАД ШУД

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров бо ҷараёни сохтмон шинос гардид. Сардори сарраёсати сохтмони вилоят барои камбудиҳояш дар сохтмони зинаҳо, ҷобаҷогузории лифтҳо, ороишоти меъмории даҳлези бино таҳқид карда шуд. Роҳбари вилоят супориш дод, ки нуқсонҳои ошкоргардида дар муҳлатҳои кутоҳтарин бартараф карда шаванд.

Ба бинокорон ва шахсони масъул бобати намуди зоҳирӣ ва қисми вурудии бино, ташкил кардани майдонҳо барои соҳибкорони тавоно, сари вақт анҷом додани сохтмони тамоми иншоот супоришҳо дода шуданд. Ғайр аз ин барои ҷустҷӯйи бренди махсус баҳри идора фармоишот дода шуд.

Дар маҷмӯи нави савдо 2 маркази логистикӣ, 212 сехи истеҳсолӣ, 336 дукон ва 560 рафи хурди тиҷоратӣ амал хоҳад кард. Зиёда аз 7700 шаҳрванд соҳиби кор шуданд.

Маъсудҷон СУЛАЙМОНОВ,
хабарнигори ЎзА.

ЗАХИРАҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ ТАҲТИ НАЗОРАТИ ИНСПЕКСИЯ

Пайдост, ки тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи куллан такмил додани фаъолияти Кумитаи давлатии захираҳои геологию минералии Ҷумҳурии Ӯзбеистон”, аз 1 марти соли 2018, Инспексияи назорати фаъолияти кону геология созмон дода шуда буд. Бо назардошти ин санад тибқи қарори Девони Вазирон “Низом дар бораи тасдиқ намудани Инспексияи назорати фаъолияти кону геологияи назди Кумитаи давлатии захираҳои геологию менералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон” ба тасвиб расид ва ба зиммаи он якчанд функсияҳо гузошта шуд.

Дар ин хусус дар нишасте, ки чанде қабл дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки мутахассисони соҳа баргузор шуд, сухан ба миён омад.

Дар чорабинӣ доир ба вазифаҳои пешбинишуда ва корҳое, ки ба амал татбиқ гардидаанд, сухан рафт.

Таъкид гардид, ки дар минтақаҳо аз ҷониби инспексия оиди омӯхтани вазъи конҳо муттасил кор бурда мешавад. Масалан, дар давраи сипаригардида ҳолати ғайриқонунӣ кандани 664 кон ошкор гардид. Бино ба ин ҳолат ба миқдори 216,9 млрд сӯм ҷарима таъин шуд. Ба сабаби истифодаи бесамар аз 511 кон 137 литсензия пеш аз муҳлат бекор карда шуд. Дар натиҷаи омӯхтани 1987 субъекти соҳибкорӣ ҳолати напардохтани 56, 9 млрд сӯм андоз ошкор гардид.

– Дар тӯли соли 2021 чунин ҳолатҳо назар ба солҳои гузашта кам шуда бошанд ҳам, батамом аз байн нарафтанд, – изҳор дошт ҷонишини сардори Инспексияи назорати фаъолияти кону геологияи Кумитаи захираҳои геология ва менерологияи назди Девони Вазирон Ўктам Ҷабборов. – Дар натиҷаи санҷиш аз ҷониби инспексия ошкор гардид, ки 200 кон ғайриқонунӣ канда шудаанд. Барои ин қонуншиканӣ 75 млрд. сӯм ҷарима ҷорӣ карда шуд. Теъдоди истифодаи бесамар аз конҳо 143 ададро ташкил кард. Дар натиҷаи ин тафтиш 65 литсензия бекор карда шуд. Рафти тафтиши фаъолияти 487 субъекти соҳибкорӣ нишон дод, ки 7,9 млрд. сӯмина андоз пардохт нашудааст. Бино ба ин ҳолатҳо чораҳои гуногун андешида шудаанд.

Ҳамчунин, дар тӯли соли 2021 673 қонуншикании маъмурӣ содир гардида, бино ба тартиби маъмурӣ 31 ҳолати он ба суд интиқол дода шудааст. Миқдори ҷарима ҷамъ 4,14 миллиард сӯмро ташкил дод. Аз ин миқдор 1,02 миллиард сӯмаш ба таври ихтиёрӣ ситонда шуд.

Имрӯз 69 шаҳр, 335 шаҳрак ва 2902 деҳаи Ӯзбекистон ба захираҳои оби зеризаминӣ ниёз доранд. Ҳангоми аз назорат гузарондани 1230 чоҳи об ошкор гардид, ки 30 фоизи онҳо дар рӯйихат нестанд. Бино ба ин ҳолатҳо низ чораҳо андешида шудаанд.

Аз баромади мутахассисони соҳа маълум мешавад, ки сарватҳои зеризаминии кишварамон таҳти назорати доимӣ қарор гирифтаанд. Бале, дар ҳамаи соҳаҳо назорат чун обу ҳаво зарур аст. Вагарна худсариҳо ва тороҷ метавонад танҳо ба дорӣ ва фароғату роҳати чанд кас биафзояд, ки оқибати хуб надорад.

Дар охири нишаст суолу ҷавоб байни журналистон ва ходимони соҳа ба бисёр масъалаҳо рӯшанӣ андохт.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

Аз ҳаёти деҳот

Ёд аз бачагии дур, пазмонии зодгоҳ дар қалбҳо ҳамеша оҳангҳои дерину қаринро бедор менамоянд. Дар пеши назар симои инсонҳои неку самимӣ ва оддие, ки дар саҳро кор мекунанд, падид мегардад.

БА ДЕҲАИ МО ОЕД!

Алҳол ба кадом як деҳаи кишвари мо наравед, дар ҳама ҷо шоҳиди корҳои созандагӣ мегардед. Симои деҳот куллан дигаргун мешавад. Бунёди манзилҳои замонавӣ, фароҳам овардани шароитҳои хуб ба таъмин сохтани некӯҳолии ҳамзамонони мо нигаронида шудаанд. Барои баланд бардоштани некӯҳолии аҳолӣ, беҳтар намудани инфрасохтори деҳот ва маҳаллаҳо барномаҳои «Обод маҳалла» ва «Обод қишлоқ» нақши бузург доранд.

Дар натиҷаи корҳои таъмиру тармим симои маҳаллаи Узумзори деҳаи Соҳилободи ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон низ куллан тағйир ёфт. Барои сокинони маҳаллӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуданд. Дар доираи барномаҳо барои аз байн бардоштани як қатор мушкилот, ки тӯли солҳои дуру дароз ҳаллу фасли худро интизор буданд, беш аз 9 миллиард сӯм равона гардид.

Аз ҷумла, 3,5 километр роҳ дар кӯчаҳои Барҳаёт, Соҳил, Коинот ва Ёшлар асфалтпӯш карда шуданд, дар қитъаи роҳи дарозиаш 5 километр шаҳал хобонда шуд. Барои беҳтар кардани таъминоти барқ 90 симчӯби нақли электрӣ, нуқтаи нави трансформатор устувор карда, 2,5 километр хати нақли электр кашида, 28 адад шабчароғ гузошта шуданд.

Солҳои зиёд дар маҳалла норасоии оби тозаи шомидани мушоҳида мегардид. Дар доираи татбиқ сохтани барнома чоҳи нав кофта, шабакаи нақли оби ошомидани дар дарозии 9 километр кашида шуд. Барои ин 2873,5 миллион сӯм харҷ гардид.

Дар бинои бекорхобидаи поликлиникаи оилавии «Соҳилобод» ба маблағи 558 миллион сӯм таъмири умумӣ гузаронида шуд. Акнун аҳолии ду маҳалла, ки беш аз чаҳор ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, метавонанд аз назорати комили тиббӣ гузаранд. Ба мақсади баланд бардоштани сифати хидмат ба аҳолӣ ба муассиса автомобили кумаки таъҷилии тиббӣ дода шуд.

Бинои ташкилоти давлатии таълими томактабии рақами 32 куллан тармим гардид, барои ин 3 миллиарду 236 миллион сӯм равона шуд. Ҳоли ҳозир корҳои бинокориву монтажӣ анҷом меёбанд. Дар натиҷаи ин гунҷоиши муассиса аз 120 ба 180 нафар афзуд. Аз 240 нафар бачагони синнашон аз 3 то 7 200 нафарашон бо таълими томактабӣ фаро гирифта шуданд, ки ин 83,3 фоизро ташкил медиҳад. Баробари ин, бо назардошти он ки дар муассисаи таълими томактабии ғайридавлатии «Диёрабону», ки 50 нафарро қабул карда метавонад, ҳоли ҳозир 40 кӯдак тарбия меёбанд. Метавон хулоса кард, ки фарогирии кӯдакон ба таълими томактабӣ дар маҳалла алҳол 100 фоизро ташкил медиҳад.

Шӯғли асосии рушди иқтисодиёти маҳаллаи Узумзор, ки 1740 нафар аҳолӣ дорад, ангурпарварӣ ва боғдорӣ ба шумор мераванд. Мева ва сабзавоте, ки меҳнатдӯстони саҳро парвариш мекунанд, нафақат дар мамлакати мо, балки дар бозорҳои ҷаҳонӣ низ харидоргир мебошанд.

Дар ҳудуди маҳалла 546 токзор мавҷуд аст. Соли гузашта 118 гектари ин ҳудуд аз нав таҷдид карда, дар онҳо навъҳои машҳури «кишмиши сиёҳ», «ангушти фаришта», «дастаи каланд», «ҳусайнӣ» нишонда шуданд. Дар натиҷа тӯли сол 3 ҳазор тонна ангури содиротии навъи «кишмиши сиёҳ» ва 2 ҳазор тонна меваҷоти хушсифат рӯёнида шуданд.

Роҳбарони секторҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ аз хонаи сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Узумзор» Нилуфар Эгамова, ки бесаробон мондааст, боздид ба амал оварданд. Ҳокимиятҳои вилояти Намангон ва ноҳияи Тӯрақӯрғон ба модаре, ки як худаш се нафар кӯдаконро тарбия мекунад, туҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

Н.Эгамова, ки ба ин ҷо 22 сол муқаддам омадааст, гуфт, ки мушкилоти таъминоти об танҳо ба наздикӣ аз байн бардошта шуд. Ӯ хурсандии самимии худро аз симои кунунии деҳа ва маҳалла пинҳон намекунад. Воқеан, ба мавзеи шукуфон табдил додани ҳудуди токзор нафақат барои сокинони маҳаллӣ, балки барои ҷомеаи ноҳия ва тамоми вилоят низ хурсандии ҳақиқӣ гардид.

Оқилхон ДАДАБОЕВ,
хабарнигори ӮзА.

НИГОҲЕ АЗ ҲИНДУСТОН:

САМИМИЯТ, ОШКОРОӢ ВА ДӮСТӢ БАЙНИ КИШВАРҲОИ МО НАҚШИ МУҲИМ ДОРАД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 27 январ дар ҳамоиши нахустини «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ», ки дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд, ширкат варзид. Чорабинӣ дар ҷомеаи байналмилалии коршиносӣ боиси рағбати зиёд гардид. Вай ҳамчунин ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои анъанавии қарин ва дӯстона, вусъат додани ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон асос гузошт.
Оҷонсии иттилоотии «Дунё» баҳои як қатор коршиносони ҳиндустониро ба пешомади ҳамкориҳои дуҷониба ва байниминтақавӣ пешкаш менамояд.

Сканд ТАЙЯЛ, сиёсатшиноси машҳури Ҳиндустон, собиқ сафири Ҳиндустон дар Ӯзбекистон:

— Ҳамоиши мазкур бори аввал ба муносибати Рӯзи Ҷумҳурии Ҳиндустон ва дар арафаи 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гузаронида шуд.

Пеш аз он, ки дар бораи муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон сухан гӯем, бояд таъкид кард, ки робитаҳои қарин ва дӯстонаи байни халқҳои мо таърихи қадима доранд.

Ҳиндустон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти Ӯзбекистонро эътироф намуд. Минбаъд, соли 2011-ум ҷонибҳо Баённомаи муштарак дар бораи шарикии стратегиро ба имзо расониданд.

Аз замони ба вазифаи Президенти Ӯзбекистон оғоз карданаш, аз моҳи декабри соли 2016-ум Шавкат Мирзиёев эътибори худро ба муносибатҳо бо Ҳиндустон бештар намуд, ки боиси такони ҷиддии рушди ҳамкориҳо гардид. Ба ин муносибат мехостам таъкид намоям, ки дар байни сарони кишварҳои мо муносибатҳои қарин, самимӣ ва дӯстона муқаррар шудааст.

Дар ҷараёни сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Ҳиндустон моҳи октябри соли 2018 як қатор шартномаҳо бинобар ҳамкорӣ дар самтҳои бартаринок ба имзо расиданд. Ғайр аз ин сафари Президенти Ӯзбекистон ба Ҳиндустон, ки моҳи январи соли 2019-ум ба вуқӯъ пайваст ва иштироки ӯ дар ҳамоиши ҷаҳонии «Гуҷарати мустақим» аз дараҷаи баланди муносибатҳои дуҷониба гувоҳӣ медиҳад. Яке аз муоҳидаҳои баимзорасида таҷрибаи ҳамкории байни вилояти Андиҷони Ӯзбекистон бо иёлати Гуҷарати Ҳиндустон гардид.

Таҳти сарвории сарони давлатҳо муносибатҳои ҳамаҷонибаи байни кишварҳои мо мувофиқи манфиат ва орзуву омоли халқҳоямон муттасил инкишоф меёбанд.

Ҳоли ҳозир мубодилаи солонаи моли байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон ба 500 миллион доллар мерасад. Бо назардошти имкониятҳои бузурги истифоданашудаи соҳа ҷонибҳо саъю кӯшиш доранд, ки тӯли солҳои наздиктарин мубодилаи моли дуҷонибаро ба беш аз 1 миллиард доллар расонанд. Тамоми ҳаракатҳое, ки имрӯз амалӣ мешаванд, барои дастёбӣ ба ҳадафи мазкур нигаронида шудаанд.

Ҳамчунин ҳамкориҳо дар соҳаҳои мудофиа ва амният фаъолтар шуданд, мубодилаи ҳайатҳои байни вазоратҳои мудофиа вусъат пайдо кард. Аз соли 2019 бори аввал дар таърихи муносибатҳои ӯзбекистониву ҳиндустонӣ машқҳои муштараки ҳарбии «Дӯстӣ» гузаронида мешаванд. Онҳо, пеш аз ҳама, ба муборизаба муқобили терроризм нигаронида шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки хурӯҷи терроризм барои демократияи Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон мушкилот ва таҳдид ба шумор меравад. Ӯзбекистон ва Ҳиндустон баҳри муборизаба ва аз байн бардоштани ин таҳдид робитаҳои самарабахшро ба роҳ монданд. Аз ҷумла, гурӯҳи муштараки корӣ бинобар муборизаба бо терроризм таъсис ёфт.

Соли гузашта дар Афғонистон тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд. Ӯзбекистон барои ба роҳ мондани мулоқот бо ҳокимияти дарамал ва ҳаллу фасл кардани масъалаҳои барои ҷомеаи минтақавӣ муҳим саъю кӯшиши зиёд мекунад. Ҳукуматҳои Ҳиндустон ва Ӯзбекистон барои ҳамоҳанг сохтани иқдомҳои амалӣ вобаста ба Афғонистон мунтазам гуфтушунид мекунанд. Қайд кардани сафари котиби Шӯрои амният ва вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон моҳҳои ноябр ва декабри соли 2021 ба Деҳлӣ бамаврид аст.

Чунин чорабиниҳои мунтазам ва мулоқоти мустақими байни кишварҳоямон ин, пеш аз ҳама, орзуву омоли умумии халқҳои мо мебошад, ки аз ҷониби сарони давлат ва ҳукуматҳои мо ба эътибори махсус молик аст, тавре ки ман аллакай дар боло таъкид кардам, мулоқотҳои амалии байни Президент Шавкат Мирзиёев ва Сарвазир Нарендра Модӣ тасдиқи ин гуфтаҳост. Чунин самимият, ошкорӣ ва дӯстӣ дар рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозанд.

Санҷай ПАНДЕЙ, сиёсатшинос, профессори Маркази омӯзиши Русия ва Осиёи Марказии Донишгоҳи Ҷавоҳирлал Неру:

– Муносибатҳои ӯзбекистониву ҳиндустонӣ, ки решаҳои қадимии таърихӣ доранд, солҳои охир бо суръати беш аз пеш инкишоф меёбанд. Соли 2015-ум Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сафар кард. Баъди соли 2016-ум Президенти Ӯзбекистон интихоб шудани Шавкат Мирзиёев ӯ як қатор ташаббусҳои муҳимро бинобар фаъолсозии ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ҳамчунин Ҳиндустон, Чин ва Русия пеш гузошт.

Сафарҳои Президент Шавкат Мирзиёев ба Ҳиндустон солҳои 2018 ва 2019-ум, бешубҳа, дар таърихи муносибатҳои дуҷониба саҳифаҳои нав боз карданд. Минбаъд ҳар сол на камтар аз як бор мулоқоти мунтазами байни Президенти Ӯзбекистон ва Сарвазири Ҳиндустон баргузор мегардад.

Президент Шавкат Мирзиёев қайд намуд, ки бинобар мавқеи нодири ҷуғрофии Ӯзбекистон иштироки фаъоли мамлакат дар лоиҳаҳои гуногуни ба якдигар вобаста, ки ба баланд бардоштани иқтидори транзитии минтақа нигаронда шудаанд, аввалиндараҷа ба шумор меравад. Вобаста ба ин метавон нахустин иқдомҳои амалиро бобати истифодаи имкониятҳои бандаргоҳи Чабаҳори Эрон дар самти Осиёи Ҷанубӣ қайд кард.

Аз ҷумла, дар байни Ӯзбекистон, Ҳиндустон ва Эрон гурӯҳи корӣ ташкил гардид, ҳайати мутахассисони ӯзбекистонӣ бошад, аз бандаргоҳ боздид ба амал оварда, бо имкониятҳои он ошно шуд.

Ғайр аз ин ҳамаи мо медонем, ки ба мақсади истифодаи имкониятҳои транзитии Афғонистон ва кумак барои эътидоли иқтисодиёти мамлакат мутахассисони ӯзбекистонӣ дар ҳудуди он роҳи оҳани 75-километраро бунёд карданд ва ба истифода супурданд.

Барилова бояд мавҷудияти самтҳои гуногуни пешомадноки ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустонро таъкид сохт. Бинобар ин тӯли солҳои наздиктарин пешбинӣ мегардад, ки дар муносибатҳои дуҷониба самтҳои зерин, аз ҷумла тиб, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, таълими олӣ, сайёҳӣ нақши муҳим мебозанд.

Тавре ки ман аллакай гуфтам, Президент Шавкат Мирзиёев ба ҳамаҷониба вусъат додани муносибатҳои ӯзбекистониву ҳиндустонӣ эътибори зиёд медиҳад. Дар навбати худ ҳукумати Ҳиндустон бо сарварии Сарвазир Нарендра Модӣ ба фаъолтар сохтани ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Ӯзбекистон, ки дар минтақа мавқеи муассир ва муҳим дорад, эътибори махсус медиҳад.

Бовар дорам, ки дар замони наздиктарин миқёси муносибатҳои дуҷониба бо суръатҳои беш аз пеш вусъат меёбанд.

АИ «Дунё»,
ДЕҲЛӢ.

КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ ДАР «САНГЗОР»-У «САРОЙ»

Дар Ҷамоати шаҳрвандони қишлоқи «Сангзор» ва «Сарой»-и ноҳияи Бахмал 2800 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Имрӯзҳо дар ҳудуди ин қишлоқҳо корҳои созандагӣ: бунёди мактаб, таъмир ва сангфаршкунии роҳҳо идома дорад.

Чунончӣ, дар қишлоқи «Сангзор» роҳ то ба назди бинои навсохти мактаб таъмир мегардад. Қариб дар бист кӯчаи дохилӣ бо роҳи ҳашар корҳои шағалхобонӣ ва сангфаршкунӣ ҷараён доранд. Кӯчаи асосии маҳал бошад, асфалтпӯш карда мешавад.

Бачаҳои қишлоқи «Сангзор» то ин дам ба масофаи 4-5 километр рафта, дар мактаб меҳонданд. Ҳоло ба туфайли бар ивази 6 млрд. 222 млн. сӯм сохта шудани бинои нави мактаб мушкилӣ ҳалли худро меёбад.

Ҷамоати шаҳрвандони қишлоқи «Сарой» аз қишлоқчаҳои Чибор, Нушрион ва Қора иборат аст. Ҳоло дар ин ҷо низ корҳои созандагии таъмир ва сангфаршкунии роҳҳо идома доранд. Аз ҳама муҳимаш, аҳолии маҳалла, пиру ҷавон аз як гиребон сар бароварда, ба корҳои ҳашар саҳми муносиби худро мегузоранд.

Дар оянда дар ин қишлоқҳо бинои маҳалла, бунгоҳи тиббӣ сохта мешавад ва ба ин васила инфрасохтори ҳудуд боз ҳам беҳ мегардад.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол

МЕҲНАТ БОИСИ РӮСУРХИИ ИНСОН АСТ

Ҳаёти аҳолии деҳро бе замини наздиҳавлӣ тасаввур кардан душвор. Ҳар як ваҷаби замин барои онҳо ба тилло баробар. Аз он на танҳо баҳри таъмини фаровонии рӯзгор, балки бо мақсади талабу дархости аҳолиро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намудан низ истифода мебаранд. Бино ба маълумот 4 ҳазору 800 гектари заминҳои ноҳияи Чуст ба кишту кор мусоидат мекунад.

Чустиён аз замини наздиҳавлии худ чӣ гуна истифода мебаранд?

Доир ба равшанӣ андохтани ин масъала ба деҳаи Ғоваи ноҳия рафтем, чунки ғовагиҳо аз ҳама пеш, ба чиллаи зимистон нигоҳ накарда, аллакай корҳои зарориро ба анҷом расондаанд. Камтар гарм омадани обу ҳаво меҳнаткашонро ба ҷунбиш овард ва онҳо ба тоза намудани ҷӯйбор, пошидани пору, ба тартиб даровардани дарахтон оғоз намуданд.

Деҳа аз 3690 хонадон ва зиёда аз 18 ҳазор аҳолӣ иборат аст. Асосан бо деҳқонӣ машғул мебошанд. Ба оила файзу барака, даромади иловагӣ бахшидани замини наздиҳавлиро деҳқонони чашмикордон хуб медонанд. Қатъи назар аз соҳиби касбу кори гуногун ба касби меросии бобоён – деҳқонӣ машғул шуданро дӯст медоранд. Таърифҳои “устухонаш дар меҳнат сахт шудааст”, “нони деҳқонро хӯрда калон шудааст” бисёртар ба ғовагиҳо мансуб аст гӯем, хато намекунем.

– Дар яке аз рӯзҳои дамгирӣ дар замини рӯйи ҳавлӣ каланд мезадам. Нафаре маро пурсида омад ва бо ҳамин ҳолат, ки ба обу арақ ғӯтида будам, ба пешвозаш баромадам, – мегӯяд ходими идораи ҳуқуқ, ки Акрамҷон ном дошт.

– Бародар, шумо ҳам дар замин кор кардану каланд заданро медонистаед-да?– гуфт ӯ.

– Ҳа, акоҷон, ғовагӣ ҳастам, падарам деҳқони асил.

– Ба шумо қоил шудам, бародар. Дар идораи давлатӣ кор мекунам гуфта ҳама ҳам монанди шумо дар замин кор намекунад. Барои кумак бачаҳоро фиристонам?

– Раҳмат, ако, ман аз меҳнат роҳат мекунам, дам мегирам,– гуфтам ба ӯ.

Аз фарбеҳии ҳамсуҳбатам маълум буд, ки ба кори ҷисмонӣ кам машғул мешавад.

Дарҳақиқат, меҳнат инсонро обутоб медиҳад, қуввати ҷисмонӣ мебахшад, тану ҷонаш солим мегардад. Сокинони деҳаи кӯҳии номбурда аз паси меҳнаташон ба чунин хусусиятҳо молик буда, зиндагии фаровон доранд. Чашмикордонҳо солҳои охир аз замини рӯйи ҳавлӣ то се маротиба ҳосил рӯёндан муваффақ гардидаанд. Деҳқон аз аввали моҳи феврал ба заминаш тухмиҳои картошкаро мешинонад ва ҳосили онро рӯзҳои аввали баҳор кофта мегирад. Ба ҷойи он аз ҳамин ҳосили нав картошкаҳои хурд-хурдро интихоб карда мекорад. Ин усулро деҳқонон “обизак” меноманд. Баъди ғундоштани ҳосили дуюм, ниҳолҳои хурди картошка дар пушта мемонад ва оҳиста-оҳиста онҳо низ ба ҳосилбандӣ шурӯъ мекунанд. Бори аввал аз ин усул Шарифҷонбобо Одилов, ки дар маҳаллаи Кӯрғон буду бош дошт, ба таври таҷриба истифода бурдааст. Натиҷаи онро дида, ба дигарҳо низ тавсия додааст. Ҳоло деҳқонони ин минтақа Шарифҷонбоборо ҳамчун деҳқони чашмикордон ба ёд меоранд.

Дар замини рӯйиҳавлии ҳар як хонадони деҳа, хурдакак бошад ҳам, гармхона мавҷуд. Кабудӣ, маҳсулоти резавор аз худи онҳо мебарояд, зиёдатиашро ба бозор бурда мефурӯшанд. Беҳуда нагуфтаанд: “Меҳнат боиси рӯсурхии инсон аст”.

Шоҳида ДАМИНОВА.
Вилояти НАМАНГОН.

ВАЗЪИЯТ БА КУЛЛӢ БЕҲБУДӢ МЕХОҲАД

Бино ба маълумоти дафтари матбуоти Вазорати маҳалла ва дастгирии оила чанде муқаддам роҳбарияти ин вазорат ва роҳбарони якчанд идораву вазоратҳои дигар аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Қашқадарё боздид намудаанд. Гуфта мешавад, онҳо дастаҷамъона бо объектҳое ошно шуданд, ки ба феҳрасти ҳудуди вазнини мамлакат ворид гардидаанд ва вазъият дар он ҷо беҳбудии ҷиддиро таҳозо ҳоҳад кард.

Ногуфта намонад, ки минтақаҳои вазнин дар 1 ҳазору 71 ҷамоати шаҳрвандони кишварамон ба қайд гирифта шудаанд. Имрӯзҳо дар ин ҷамоатҳои шаҳрвандон барои раҳоӣ аз бунбаст ва ичрои корҳои доманфарох чорабиниҳои хос сурат мегираад.

– Дар таркиби Гурӯҳи корие, ки намояндагони вазорату идораҳои гуногун ба он шомил мебошанд, вазири Вазорати маҳалла ва дастгирии оила Раҳмат Маматов қарор дорад. Аллакай боздид ва ошноии наздик бо ҳолатҳои воқеъии чанд минтақаи мамлакат мунҷар ба он шудааст, ки ичрои кадом корҳо бояд ба сомон расонида шаванд. Аз ҷумла, зимни боздид дар вилояти Қашқадарё таъмини ҷамоатҳои шаҳрвандон бо таҷҳизоти зарурии техникӣ, ногузирии анҷоми тармим ва бозсозии биноҳои ин ҷамоатҳо ба қайд гирифта шудааст, – мегӯяд сухангӯи Вазорати маҳалла ва дастгирии оила Саодат Боймирзоева.

Вай меафзояд, ки дар айни ҳол 50 бинои ҷамоати шаҳрвандон тармими ҷорӣ мехоҳад. Инчунин 40 бино ба тармими куллӣ ё капиталӣ эҳтиёҷ дорад ва 24 ҷамоати шаҳрвандон бояд бо бинои наву хушсохт ва замонавӣ таъмин гардад. Ба таъкиди ӯ анҷоми ҳамаи ин корҳо маблағи қобили мулоҳиза таҳозо менамоянд. Барои ҳамин маблағҳои барои он сарф мешуда бояд аввал баррасӣ ва баъдан ҷудо карда шавад, самти ичрои корҳоро низ мебояд муайян намуд.

– Дарвоқеъ, дар вилояти Қашқадарё ду ҷамоати шаҳрвандон дар биное фаъолият мекунанд, ки дар тасарруфи ҳокимияти ноҳия қарор доранд. Гузашта аз ин, 276-то ҷамоати маҳаллаҳо дар биноҳои таҳти тасарруфи муассисаҳои таълимӣ ё тандурустӣ, 34 маҳалла дигар дар биноҳои таҳти тасарруфи корхонаву ташкилотҳои мухталиф, 8-то дар бинои маҳаллаи ҳамсоя ва 1-то дар ҳавлии раиси ҷамоати шаҳрвандон машғул ба фаъолият мебошанд, – қайд намуд Саодат Боймирзоева.

Бар асоси таҳлилу баррасиҳо вазорати мазкур муайян кардааст, ки дар бархе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳолатеро метавон мушоҳида намуд, ки ҳанӯз бинои ҷамоатҳои шаҳрвандон дар идораи кадастр ҳуҷҷатҳои худро расмӣ накардаанд. Айнан дар вилояти Қашқадарё ин ҳолати зикршуда ба қайд гирифта шудааст. Гуфта мешавад, ки 59 ҷамоати шаҳрвандон дар биное ба мардум хизмат мерасонанд, ки ҳуҷҷатҳояш расмӣ карда нашудаанд.

– Дар 9 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ҳолати сари вақт напардохтани пули хидматҳои коммуналӣ ва ба миқдори чоруним миллион сӯм қарз шудани он ба қайд гирифта шудааст. 79 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ба шабакаи интернетӣ васл нашудаанд ва аз ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти берун аз ҳудуди худ огоҳ нестанд. Дар 6 ҷамоати шаҳрвандон таҷҳизоти компутерҳо ба ҳолати корношоямӣ мубаддал шудаанд.

Тибқи натиҷагириҳо аъзои Гурӯҳи корӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои вилояти Қашқадарё ба мушоҳида расидаанд, ба ҳокимони ҳамон ноҳияҳо супориш додаанд, то ки дар фурсати кӯтоҳ нисбати он чорабиниҳо кунанд.

– Дар чаҳорчӯби ин сафар вазири маҳалла ва дастгирии оила Раҳмат Маматов дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Истиқлол”-и ноҳияи Қамашӣ бо мардуми минтақаҳои гуногуни он мулоқоти сайёр баргузор намуд. Вай дар ҷараёни ин мулоқот арзу шикоятҳои мардумро шунид ва чиҳати ҳалли он дар ҳамон ҷо мутасаддиёни идораҳои дахлдорро вазифадор намуд, ки мардумро аз давлату ҳукумат розӣ кунанд. Чунки ин таҳозои Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев мебошад, – мегӯяд Саодат Боймирзоева.

Дар ин мулоқот раисони ҷамоатҳои шаҳрвандони якчанд маҳаллаи ноҳияи Қамашӣ аз Раҳмат Маматов хоҳиш кардаанд, ки таклифу пешниҳодҳои онҳоро ба инобат гирад ва барои ҳалли муайяни он дасти кӯмак дароз кунад. Чанде аз ин пешниҳодҳо маҳз ба беҳбуди инфрасохторҳои ҷамоатҳои шаҳрвандӣ ва тармими кӯчаҳои дохилии деҳот, инчунин таъмини мардуми камбизоат бо кӯмакпулиҳо ва амсоли он мебошад.

Ҷои хурсандист, ки баъди ин сафар, боздид ва мулоқот бо мардум аллакай якчанд корҳои амалӣ дар вилояти Қашқадарё ба анҷом расидаанд. Мардум аз меҳмонон боз даъват кардаанд, ки зуд-зуд барои мулоқот ба назди онҳо биёянд, зеро иддае аз мушкилоту муаммоҳои онҳо, ки вақти тӯлонӣ ҳаллу фасл намешуданд, бо иқдомоти онҳо дар фурсати кӯтоҳтарин бартараф гардидаву ҳалли он боиси шодкориашон гардидааст.

– Вазири моро дар утоқашон пайдо кардан кори душвор мебошад. Он кас ҳамеша дар сафаранд. Раҳмат Маматов бештари вақти худро дар ҳудуди мухталифи кишварамон мегузаронанд. Бевосита бо раванди корҳо рафта ошно мешаванд. Инчунин, ба талабу дархостҳои мардум низ гӯш медиҳанд ва барои рафъи камбудиҳо, ҳаллу фасли мушкилоту муаммоҳо ҳатман дасти кӯмак дароз менамоянд, – мегӯяд дар хотима ҳамсуҳбати мо Саодат Боймирзоева.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.

БОҒЧАҲОИ НАВ ДАР ҶӮНДОР

Дар деҳаи Сомончуқи ноҳияи Ҷӯндор муассисаи таълими томактабии нави дорои 180 ҷой ва дар деҳаи Пахтаободи ҳамин ноҳия боғча барои 60 нафар ба истифода супорида шуд.

Дар маросими кушодашавии ин ду муассисаи давлатӣ роҳбарони секторҳо, собиқадорони меҳнат, падару модарон ва мутасаддиёни соҳа иштирок карданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки боғчаи деҳаи Сомончуқро бинокорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Умарбобо» бунёд карданд ва барои ин 3 миллиарду 990 миллион сӯм сармоя харҷ гардид.

Барои сохтмони боғчаи деҳаи Пахтаобод қариб 400 миллион сӯм маблағ харҷ шуд ва бо ташаббуси бунёдкорони ҶММ «Бунёдкор стандарт таъмирлаш» саривақт қад боло кард. Иштироккунандагони тадбир бо қулаиҳои фароҳамовардашуда аз наздик шинос шуда, ҳамдеҳагонро бо комёбӣ мубораксбод намуданд.

Ду сол муқаддам дар ноҳия муассисаи таълими томактабӣ 61-то буд, ҳоло миқдори онҳо ба 132 адад расида, 9 ҳазор нафар наврасон, ё ки 64 фоизи бачагони синни томактабӣ ба боғча ҷалб шудаанд. Ҳоло ба 70 фоиз расондани ин натиҷа чораҳо андешида мешавад.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

«МУЖДА ДИҲЕД САДА ОМАД, ХАБАР АЗ БАҲОР ОМАД»

Сада аз куҳантарин ҷашнҳои мавсимии халқҳои ориёинажод ба шумор меравад, ки 10-уми баҳманмоҳи солшумории шамсӣ таҷлил мегардад. Он мутобиқи солшумории милодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январ рост меояд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз чил шабонарӯзи Шаби ялдо ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун гиромидошти ойини оташпарастӣ ва бузургдошти Меҳр истиқбол гирифта мешуд.

Ин ҷашнро барои он Сада меноманд, ки аслан аз шумораи сад гирифта шуда, аз 10-уми моҳи баҳман то омадани Наврӯз 50 шабу рӯзро фаро мегирад. Ба таъбири Абурайҳони Беруниӣ гузаштагони бузурги мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд, ки он дар якҷоягӣ то расидани Наврӯз 100 шабу рӯзро ташкил медод. Иди Сада дар поёни чиллаи калон чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон, одатан ба сифати муждае аз наздик расидани баҳор истиқбол мешуд. Мардум, бахусус деҳқон дар шаби Сада бори дигар бузургдошти Худои гармию фурӯғи миноӣ Митра (Меҳр)-ро ёдоварӣ намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли баҳору муждаи пешакии Наврӯзро мерасониданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бузургдошти оташ ва ойини Меҳрпарастӣ дар байни гузаштагони мо ва дигар халқҳои форсизабон тақрибан даҳ-дувоздаҳ ҳазор сол пеш, дар сарзамини паҳновари «Аирйанам Ваечаҳ» (Фарохнои Ориёно) падид омадааст. Дертар дар ҳамин замина ҷашнҳои мавсимии Шаби Ялдо ва Сада зимни мушоҳидаи бурҷҳои фалак ҳаракати Офтоб ва дигар ҷисмҳои кайҳонӣ маълум гардидааст.

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» пайдоиши ҷашни Садаро ба подшоҳи дуюми пешдодӣ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши ӯ Ҳушанг ба мардум афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт.

Подшоҳ рӯзе ҳамроҳи ёронаш ба шикор рафт. Дар шикоргоҳ ба мори сиёҳи дарозе дучор омад, ки ба одамон ҳамла меоварад. Санги калонеро бардошта, сӯйи мор ҳаво дод ва он санг ба санги дигаре бархӯрда шарора афканд. Ӯ аз шарора афкандани ду санг ба ҳайрат монда, онро чун шуои фурӯғи яздонӣ пазируфт ва аз ҳамон рӯз бузургдошти оташро ба роҳ монд. Ин маросим ҷашни Сада номида шуд, ки онро халқҳои ориёинажод пос дошта, дар арафаи фарорасиданаш гулханҳо меафрӯхтанд. Баъди ихтирои оташ Ҳушанг нахустин касе буд, ки ба истихроҷи филизот аз санг оғоз намуд ва онро гудохта, алайҳи аҳриманзодаҳову деву дадҳо аслиҳа сохт. Фирдавсӣ пазироии ҷашни Садаро аз ҷониби Ҳушанг чунин менигорад:

Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,
Ҳамон шоҳу дар гирди шох он гурӯҳ.
Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,
Сада номи он ҷашни фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.

Ниёгони мо афрӯхтани оташро омӯхта, барои нигоҳдории он мекӯшиданд. Сараввал нигоҳдории оташ андаруни ғорҳо ва дигар ҷойҳои мусоид роиҷ гардида, сипас ин ҷойҳо ба оташкада табдил ёфтанд. Одатан, оташи муқаддасро атарбонҳо, яъне оташбонҳо андаруни оташкада нигаҳдорӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, парастиши оташ ва бузургдошти он ба ҳукми анъана даромада, бунёди оташкадаҳо дар минтақаҳои гуногуни буду боши ориятторон роиҷ гардид, ки оташкадаҳои овозадори Навбаҳор дар Балх, Озарфаранбарх дар Кориёни Форс, Озармеҳрбарзин дар Реванди Хуросон, Озаргушасб дар Шизи Озарбойҷон аз ин ҷумла мебошанд.

Абурайҳони Беруниӣ дар «Китобут-тафҳим» ҷашни Садаро рамзи пирӯзии Фаридун бар Заҳҳоқ шумурда, фарорасии адолату осоишро дар мамлакат ба оташфирӯзии ойини Сада нисбат медиҳад. Ҳамин тариқ, пазироии ҷашни Садаро ба шоҳони пешдодӣ Ҳушангу Фаридун нисбат дода, онро бо шукӯҳу шаҳомати хоса, бо афрӯхтани гулхан ва дар гирди он раҳсу бозӣ кардан пешвоз мегирифтанд. Беҳуда нест, ки яке аз шоирони тавоно Манучеҳрии Дамғонӣ чунин менависад:

Инак, биёмадаст ба панҷоҳ рӯз пеш,
Ҷашни Сада талояи Наврӯзи навбаҳор.

Ба андешаи фолклоршинос Дилшод Раҳимов ҷашни Сада, ҳарчанд суннати хоси зардуштӣ нест, марбут ба бузургдошти оташ аст ва оташ назди зардуштиён муқаддасу арҷманд мебошад.

Зардуштимазҳабони минатақаҳои Кирмону Язди Эрон ва умуман зардуштиёни ҷаҳон ин ҷашнро бо шукӯҳу шаҳомот пазироӣ менамоянд. Дар шаҳри Кирмон то имрӯз суннати мардумии Садасӯзӣ барҷо мондааст, ки баландиаш тақрибан ба 5-6 ва қутраш ба 12-14 метр мерасад. Замони гулханафрӯзии онҳо ба 10-уми баҳманмоҳ, ба ғуруби Офтоб рост меояд. Дар ҷашн ҳазорҳо нафар ҷамъ омада хурсандӣ мекунанд ва сайру гашти оммавӣ барпо менамоянд. Фардои рӯзи Садасӯзӣ баъзе деҳқонон қадре аз хокистари мондаро чун рамзи баракату фаровонҳосилӣ бо худ бурда ба заминҳояшон мепошанд. Ин амал маънои поён ёфтани зимистон ва оғози омодагӣ ба фарорасии баҳорро ифода мекунад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки иди Сада баробари бузургдошти Митра рамзи омодагӣ ба кишту кори баҳорӣ ва истиқболи Наврӯз аст.

Ҷашни Сада дар масири таърих ҷойгоҳи хоса дошта, ҳангоми давлатдории Ашкониён, Сосониён ва Сомониён бо тантанаву шукӯҳи тамом истиқбол мегардид. Беҳуда нест, ки дар бузургдошти Сада шоири бузург Фаррухӣ (асри XI) чунин овардааст:

Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,
Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тироз.

Ҷашни Сада – панҷоҳ шабонарӯз пеш аз иди Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Аз ҳамин рӯз сар карда буғ (ҳавр)-и замин мебарояд. Яъне об шудани барфу яхи ҷӯйҳо оғоз мешавад, гулҳои давраи Сада – бойчечак, қоқу, алафҳои ҷаг-ҷаг, зуфтурум ва ғайра нишонаи Сада мебошанд. Бачаҳо гули бойчечакро гирифта хона ба хона рафта, сурудхонӣ мекунанд. Оби чашмасорон бисёр шуда, рӯду ҷӯйҳо пуроб мешаванд. Мардум рӯзи иди Сада болои хонро бо мавизу туршаку ҷигидаву чормағзу писташ бодом, меваҳои хушк, нони гандум, пичак ё бичаки алафӣ оро медиҳанд.

Ба ҷуз густурдани хони идона ва гузоштани таомҳои лазизу гуногун рӯйи дастурхон яке аз мушаххасоти он оташсӯзӣ аст.

Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-и хеш навиштааст, ки вақте Фаридун бар Заҳҳоқ ғалаба кард ва мардум аз ҷабру ситами ӯ озод шуданд, ин ҳодисаро фоли нек донистанд ва бо фармони Фаридун ин рӯзро бо оташсӯзии бузург ҷашн гирифтанд.

Толиб ЮНУСЗОДА,
шаҳри Самарқанд.

БОҒЧАИ НАВИ ДЕҲАИ ҒУРУМСАРОЙ 120 НАФАР ХУРДТАРАКОНРО ФАРО ГИРИФТ

Дар маҳаллаи Янгичечаки деҳаи Ғурумсаройи ноҳияи Попи вилояти Намангон муассисаи томактабии нави рақами 10 ба истифода супурда шуд.

Боғча дар асоси барномаи сармоягузорӣ ба ивази маблағи 3,2 миллиард сӯм барпо гардида, 120 нафар кӯдакони деҳаро ба оғӯш мегирад.

Дар чорабиние, ки ба муносибати кушодашавии муассисаи мазкур баргузор шуд, ҳокими ноҳия А. Султонов ва прокурори он Ҳ. Ҳакимов иштирок карданд.

Бояд таъкид намуд, ки ба кӯдакистон фаро гирифтани бачагони 3-7 сола дар соли 2017 29,5 фоизро ташкил карда бошад, ин нишондод ба охири соли 2021 ба 81,9 фоиз расид. Имрӯз аз 17906 нафар бачагони синни муассисаи томактабии ноҳия 14673 нафарашон ба боғчаҳо фаро гирифта шудаанд.

Тӯли чаҳор соли охир фаъолияти 7-то боғчаи давлатӣ, 2-то нодавлатӣ, 1-то дар асоси шарикии хусусиву давлатӣ ва 230-то оилавӣ-нодавлатӣ ба роҳ монда шуд.

Дар суратҳо: *дар муассисаи таълими томактабии нави маҳаллаи Янгичечак.*

Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. (ЎзА).

Акси садо

ОРЕ, “ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН”

Бастаи рӯзномаи “Овози тоҷик”-ро саҳифагардонӣ карда, дар он (аз 23 октябри соли 2021, № 84) “Шунидан кай бувад монанди дидан” ном мақолаи Мирасрор Аҳроровро дидаму мутолиа намудам. Муаллиф менависад, ки “ин сафари матбуотии журналистони маҳалливу хоричӣ ба вилояти Навоиро Вазорати туризм ва варзиши ҷумҳурӣ ташкил кардааст. Мувофиқи барномаи сафар мо бештар аз минтақаҳое боздид мекардем, ки мутааллиқ ба соҳаи экотуризм мебошанд. Сафар ба ноҳияи Нурато низ маҳз бо ҳамин мақсад анҷом дода шуд”. Ин ҷо бояд гуфт, ки “сафар ба ноҳияи Нурато” не, балки ба шаҳри Нурато бошад. Ҳатто “бо маъзарати ҷонишини ҳокими вилоят, сардори садорати туризм ва варзиш Саъдулло Мирзоев” аз Деҳи Баланд, ки сари роҳ буд боздид накардаанд. Деҳи Баланд қаряи бузургест, ки нисбати шаҳрҳои Нурато ва Ғазғон дар баландӣ воқеъ буда, дорои таърихи қадим ва табиати дилнишин аст. Аҳолии ин деҳаи бузургу қашангро низ як чашма бо оби ошомиданӣ таъмин мекунад. Аҳолии муқимӣ тоҷикзабонанд. Ёдгориҳои зиёди таърихӣ дорад. Ин ҷо паҳлуи теппагие қабрҳои рамзии Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн бунёд шудаанд, ки ҳар рӯз садҳо нафар сайёҳон зиёрат мекунанд. Қабрҳо дар хонаҳои алоҳида ҷойгузинанд. Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн фарзандони Ҳазрати Алӣ (к. в.) ва духтари Паёмбарамон Муҳаммад алайҳиссалом Фотима (р. а.) мебошанд. Дар ноҳияи Нурато, ки асосан дар бағали кӯҳҳо ҷойгир аст, зиёданд чунин манзилу маконҳои зиёратӣ...

Нурато шаҳрест куҳану ҳамешаҷавон. Солҳои истиқлолият шаҳр тарҳи нави зебо ба худ гирифт ва рӯз аз рӯз сабзу хуррам ва дилкашу гуворо мегардад. Маҷмӯаи “Чашма” (на “Чашмаи Нур” – **Ӯ. Р.**) пурра тармим ёфт. Назди он меҳмонхонаҳои замонавӣ бунёд ёфтаанд. Кабудизоркунӣ ва бунёди боғи истироҳатӣ манзараи атрофи маҷмӯаи Чашмаро боз ҳам пуртароват намудааст.

Бахтиёр Ширинқулов, муаллими таърихи мактаби таҳсилоти умумии рақами 49 гуфтааст, ки “сокинони нӯҳ деҳи ноҳияро мардуми тоҷиктабор ташкил мекунанд. Дар мактаби ин деҳаҳо таҳсил ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст”. Камина сокини ҳамин ноҳияам. Дақиқ медонам, ки ноҳия панҷ деҳаи тоҷикнишин дорад ва дар панҷ мактаб таҳсил ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Синтоб ду мактаб дораду дар Симбулоқ филиали мактаби № 43 амал мекунад. Хуб медонам, ки дар ҳудуди ноҳия нӯҳто манзили мардуми тоҷиктабор мавҷуд аст. Ҳарчанд бошандагони бумии шаҳрҳои Нуратову Ғазғон ва деҳоти сернуфуси Деҳи Баланду Мазор ба забони тоҷикӣ дар хонаву кӯча, дохили муассисаҳои таълимии томактабиву мактабӣ ба забони тоҷикӣ ҳарф мезананд, ба забони ӯзбекӣ ва ё русӣ таълим мегиранд. Танҳо ҷараёни дарс ҳинни суолу ҷавоб бо муаллим ба ин забонҳо гуфтугӯ мекунанд. Хонандагон байни ҳам дар ҷараёни дарс ба забони тоҷикӣ муошират мекунанд.

“Дарвоқеъ, табиати пурасрори ин гӯшаи табиат хеле зебо ва дилпазир буд. Ба гуфтаи мардуми маҳаллӣ оби чашма (дар ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ ва забони мардуми маҳаллӣ ин макон Чашма ном дорад, бояд бо ҳарфи калон навишта шавад – **Ӯ. Р.**) дорои фосфор мебошад ва он хусусияти дармонбахшӣ дорад. Дар оби чашма моҳиҳои зиёд шино мекарданд”– навиштааст муаллиф. Дар ҳақиқат Нурато манзилест мафтункор. Табиате дорад рӯҳафзо. Чашмае дорад обаш шифобахш. Аз қадим ба ин шаҳр таваҷҷуҳи хоса доранд мардум. Ва имрӯз низ аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ, ҷумҳуриҳои ҳамсоя, Эрону Афғонистон, Амриковву Фаронса ва дигар мамлакатҳо мардуми бешумор Нураторо зиёрат мекунанд. Мардум ба оби Чашма эътиқоди қавӣ доранд. Дар рисолаи “Дар баёни вилояти Нур ва Чашмаи он”, ки ба асри XI нисбат дорад, омадааст:

Ҳар кас, ки ба Нур ояд, бар суд,
Аз оташи дӯзах тани ӯ озод шавад.
Гар ғусл кунад ба оби Чашма як бор,
Резад гунаҳаш, аз гунаҳ дур шавад.

Ё худ дар ҳамин рисола замини Нурро ба боғи пурмеваи ҷаннат ташбеҳ додаанд: Замини Нур зи хулди барин нишон дорад.

Чашма муҳимтарин зиёратгоҳи Нурато аст. Аз шаҳодати байтҳои боло ҳувайдо, ки оби онро муқаддас ва шифобахш медонанд. Ба Чашма зиёда таваҷҷуҳ доранд зиёратчиён. Омӯзиши таркиби оби Чашма дар соли 1913 аз ҷониби академик А. Димо оғоз ёфтааст. Ӯ ҳашт намуд моддаи шифобахши таркиби оби Чашмаро муайян кардааст. Доктори илмҳои геология-минералогия, профессор Н. А. Кенесерин дар таркиби оби Чашма мавҷуд будани микроэлементҳои ба саломатии инсон манфиатдорро собит намудааст. То ба ҳол сездаҳ намуди чунин микроэлементҳо ошкор гаштааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

Дарси тасаввуф

САБР

Шартҳои авлиё будан

Дар асари «Насоим-ул-муҳаббат мин шамоим-ул-футувват»-и худ Алишери Навоӣ, ки дар асоси «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот ил-қудс»-и пиру устодаш Абдураҳмони Ҷомӣ навишта шудааст, талабҳои муҳиму аввалиндараҷаро, ки бояд сӯфиён, яъне аҳли тасаввуф риоя кунанд, ба миён мегузорад:

Якум — тавба. Сӯфӣ бар асари ягон ҳодисаи ҳаётӣ ё панду насиҳат аз баҳри тарзи зиндагии пештара баромада, ба Худо тавба мекунад ва роҳи тариқатро пеш мегирад.

Дуюм — луқмаи ҳалол. Ин маънои онро дорад, ки ҳар бурдаи нон ва ҳар ҷуръаи обе, ки мехӯрӣ, бояд аз нигоҳи шаръӣ ва маънӣ ҳалолу покиза бошад, яъне бо арақи ҷабин ба даст омада бошад. (Барои дар ин хусус маълумоти муфассалтар гирифтан, ба китоби муаллифи ин сатрҳо — «Луқмаи ҳалол» (Т. нашриёти «Маънавият», 1997) мурочиат шавад).

Сеюм — шариат. Шариат дорои панҷ асос аст: имон, панҷ вақт намоз, закот, дар як моҳ сӣ рӯз рӯза доштан, дар тӯли умр як бор анҷом додани сафари ҳаҷ.

Чорум — одоби тариқат. Ин одобест, ки аҳли тариқат худро аз дигарон кам мегиранд, ҳамеша дар ҳолати хидмат ба дигарон қарор доранд. Ба зердастон, ҳатто ба фарзандони худ сухани сахт намегӯянд, дар насиҳат ба дигарон басе нармгуфторанд.

Панҷум — саховат. Ин моҳиятан, дареғ надоштани ҳеч чиз аз ҳеч кас бошад.

Шашум — ҳилм (ҳалимӣ). Ҳама гуна низоъро бо муросою мадоро гузарондан, корҳоро бо забони ширин анҷом додан.

Ҳафтум — ризо. Аз Худо ҳар чӣ пеш ояд розӣ будани банда. Бандаеро гунаҳкор наҳисобидан.

Ҳаштум — сабр. Пеши ҳар он чӣ аз Худо расидааст, сабр кардан. Бандаро гунаҳкор наҳисобидан.

Нӯҳум — сидқ. Ҳамеша рост гуфтан, дурӯғро ба забон наовардан. Зеро Худо ҳамаро мебинад, бо кадом рӯ дурӯғ мегӯӣ?

Даҳум — риёзат. Дар роҳи камолоти рӯҳӣ ранҷу азоби гуногунро аз сар гузарондан.

Сабри Шайх Тустарӣ

Ин ҳама шартҳои муҳиманд. Вале ба сабр эътибори алоҳида дода мешавад. Дар тасаввуф гӯянд: «Сабр ними имон аст». Зеро нафс танҳо тавассути сабр маҳв мегардад.

Дар ин маврид як мисол аз Навоӣ. Каромати Шайх Саҳл бинни Абдуллоҳи Тустарӣ ин буд, ки ба сари ҳар касе кулфате меомад, бо дуои ӯ рафъ мешуд. Худ аз бемории бавосир ранҷ мекашид. Вале ҳеч гоҳ аз Худо дархост намекард, ки ӯро аз ин дард начот диҳад. Бино ба эътиқод мегуфт: «Ҳар чӣ аз Худо ояд, хуш аст, мо онро чаро рад кунем?» Ин як намуди сабри олӣ буд.

Ба фарзандон чаро номи «Собир»-ро медиҳанд?

Дар тасаввуф мафҳуме вуҷуд дорад бо номи «мақомот». Ин зинаи муайяни рӯҳию маънавии сӯфӣ дар роҳи расидан ба Худо бошад. Сабр яке аз чунин мақомот аст.

Профессор Начмиддин Комилов ба сабр, аз ҷумла, чунин таъриф додааст: «Сабр — бурдборӣ, тоқат. Аз нигоҳи сӯфиён шикоят накардан аз душвориҳо. Ба ҷуз Худо ба касе нолаю илтиҷо накардан. Собир одамест, ки худро ба гирдоби балоҳо афканда, аз ҳеч чиз наметарсад. Сабр интизориест барои кушоиш. Яъне, вақте мушкилиҳои рӯҳию маънавӣ пеш меояд, солики сабрпеша муваффақ мегардад, манзилҳои навро кашф менамояд». (Начмиддин Комилов. «Тасаввуф ва ахлоқи инсони комил». — (Тошканд: «Ёзувчи». 1996, саҳ. 27).

Ба маънии мақом солик бояд ба зинаи сабр расад. Зеро роҳи мақсади бузург ҳамеша машаққатнок аст. Бесабрӣ натанҳо дар роҳи расидан ба Худо, балки дар роҳи расидан ба кӯйи мақсадҳои одии инсонӣ низ монеа эҷод мекунад. Биноан, сабр яке аз шартҳои ҳаёти рӯзмарра низ ҳаст. Аз ин рӯ, одамон, бо орзуи сабрпеша гардидани фарзандонашон ба онҳо номи «Собир»-ро медиҳанд.

Сабр ба сарватмандон низ лозим аст

Вожаҳои «сабр»-у «қаноат» гоҳо дар забонамон омезиш меёбанд ва онҳоро дар шакли «сабру қаноат» низ истифода мебарем. Ин бехуда нест. Зеро лозим меояд, ки барои сабр кардан қаноат кунем, барои қаноат кардан — сабр. Вале сабру қаноат як чиз нестанд. Зеро қаноат қонеъ будан ба неъмати моддии андак ва ор накардан аз камбағалист. Сабр як андак мафҳуми маънавӣ дорад. Сабр на ҳамеша ба сарвати моддӣ иртибот дорад. Сабр ба сарватмандтарин инсон низ лозим аст. Зеро ҳамаи ғаму ташвиши дунёро наметавон бо молу дунё бартараф намуд. Дар урфият мегӯянд: «Таги сабр тиллост». Аҳли тасаввуф нек дарк намудаанд, ки маҳз тавассути сабр инсон ба фараҳи маънавию рӯҳӣ даст меёбад.

Дӯсте, ки дар рӯйи барф то субҳ интизор буд

Ду сӯфӣ ба роҳ меафтанд. Яке хост сари роҳ ба хонаи як шиносаш пайи ҳоҷате дарояд. Биноан, ба шарикаш гуфт:

— Ту ин ҷо мунтазир бош, ман бармегардам. Ин гуфт ва аз хона барнагашт. Як вақт ба ёдаш расид, ки дар кӯча шарикаш ӯро интизор. Фикр кард, ки то дер ин ҷо мондам, шояд шарикам ба роҳаш идома дод. Аз хона набаромад ва ӯро огоҳ накард. Суҳбат бо соҳиби хона тафсиду то субҳ он ҷо монд. Субҳ вақте аз хона мебаромад, дид, ки шарикаш дар ҷояш истодааст. Зери бори барфи борида ларзидан дорад. «Гунаҳкор» суол кард:

— Ҳанӯз ин ҷоӣ, чаро нарафтӣ?

— Гуфтӣ, ки бармегардам, интизорат будам.

Магар ин сабри кӯҳвор нест?

Хорро чӣ ба гул табдил медиҳад?

Дар «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Навоӣ бобест бо номи «Дар зикри сабр». Дар он, аз ҷумла, ба ин гуфтаҳо дучор меоем:

«Сабр талх аст, аммо судманд, сахт аст, аммо дофеи газанд (дафъкунандаи зарар). Кадом номурод даст ба домани сабр заду комёб нагашт ва кадом гирифтор дил ба сабр доду бахт наёфт?»

Бобро шоир бо байти зерин хотима бахшидааст:

Гоҳи шиддат ҳар касе сабру таҳаммул кардааст,
Бахт нешаш нӯши ҷону хори ӯ гул кардааст.

Нуқтаи назари нодурусти шӯравиён

Дар замири мақолҳои «Сабр пеша созӣ, бори шутурро курраааш мебардорад», «Бесабрро ош ҳам санг аст», «Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво пазад» хулосаву натиҷагириҳои донишмандон ва таҷрибаи асрҳо нуҳуфтааст. Падару бобоёни мо ба ин ҳикматҳои қадимӣ амал кардаанд.

Дар урфият мегӯянд, ки «Асп гирд гашта мехашро меёбад». Инак, мо бо мурури вақт ба асолати худ баргаштем. Вале парчамбардорони мафкураи шӯравӣ дар навиштаҳо вақте ба вожаи «сабр» дучор мешуданд, садо баланд мекарданд, ки «Фалонӣ даъват менамояд, ки халқи мазлум аз нав тобеи синфи истисморгарон шавад, ба синфи истисморгар дастёрӣ мекунад»...

Ин тарғиби сусти сабр дар санъати суҳан буд. Дар асл маънои вожаи «сабр» аз доираи фаҳмиши шӯравипарастон фарохтар буд. Имрӯз ҳам бояд фаромӯш накунем, ки то ба як мамлакати мустаҳкам табдил ёфтани кишварамон сабри бисёр лозим аст. Зеро ҳар гуна бесабрӣ моро ба кӯйи ҳаҳолат мебарад. Сабру қаноат мазмуну моҳияти дини мубини исломро ташкил медиҳад.

Чун зиндагӣ худ аз сабр иборат аст, ин ақидаҳо танҳо ба хотири донистани таърихи тасаввуф ва эътиқоди суфиён нест, балки бояд сабрро дар ҳаёти рӯзмарра ба кор гирифт. Бояд ошкоро эътироф намоем, ки агар ақидаи миллие чун «сабр» дар мо ғолиб намеомад, кайҳо оилаҳоямон пароканда мешуд. Инро дар мисоли рӯ ба таназзули маънавӣ овардани ҳаёти Ғарб низ дида истодаем...

Султонмурод ОЛИМ,
Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.

Пешниҳод

БАЪДИ ЗИЁРАТИ «АДИБЛАР ХИЁБОНИ»

Президенти мамлакат аз оғози фаъолияти хеш ба ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла адабиёт, фарҳанг, тиб, мактабу маориф рӯйи этибор гардонд. Қарору фармонҳои дар ин самтҳо ба тасвиб расондаи ӯ нерӯи созандагӣ доранд. Тибқи ин қарору фармонҳои созанда дар ҳамаи самтҳо ислоҳоту навсозиҳо идома доранд.

Сохта ба истифода супурдани бинои нави Иттифоқи нависандагон ва бунёд гардидани «Хиёбони адибон» дар ҳаёти адабиву фарҳангии ҷумҳурӣ як рӯйдоди муҳим буд. Ин суханони роҳбари мамлакат: «Дар адабиёт дили халқ ва маънавияти ӯ таҷассум меёбад. Дар ин даври мураккаб барои роҳ ёфтан ба дили одамон, рағбатноксозии онҳо ба мақсадҳои неку начиб бояд аз нерӯи муассири адабиёт истифода бурд. Барои омӯхтани мероси ачдод, офаридани адабиёти бузурге, ки сазовори фарҳанги ғанӣ бошад, шароити мусоид фароҳам меоварем». Яъне, ғамхорӣ ба адабиёту адибон идома дорад.

Ёд дорем, пайкараҳои адибон дар мавзеъҳои гуногуни пойтахт дар парокандагӣ қомат афрохта буд. «Хиёбони адибон» ё боғи адибон онҳоро дар як ҷо ҷамъ овард. Ба ин кори хайр беҳтарин меъморон ва пайкарасозон ҷалб карда шуданд. Касе, ки вориди ин хиёбон ё боғ мегардад, бо пайкараҳои муҳташами адибони адабиёти классику муосири ўзбек — Алишер Навоӣ, Заҳириддин Бобур, Муҳаммад Ризо Огаҳӣ, Муқимӣ, Фурқат, Абдулло Авлонӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдулло Қодирӣ, Абдулҳамид Чўлпон, Ғафур Ғулом, Ойбек, Абдулло Қаҳҳор, Мақсуд Шайхзода, Ҳамид Олимҷон, Зулфия, Саид Аҳмад, Озод Шарофиддинов, Эркин Воҳидов, Абдулло Орифов, Муҳаммад Юсуф, қароқалпоқ — Бердақ, Тўлепберген Қаипбергенов, Ибройим Юсупов ва рус Александр Файнберг рӯ ба рӯ меояд.

Як чиз маро ба андеша водор намуд, ки чаро дар ин хиёбони муҳташам ҷойи шоири тавонои ўзбек — Боборахим Машраб, ки дар байни халқ маҳбубияти зиёд дошту дорад, холист?

Дар Хиёбони адибон чорабиниҳои гуногуни адабиву фарҳангӣ ва озмунҳо баргузор мешаванд. Ба муносибати зодрўзи адибон гирди пайкараҳои шоиру нависандагон аҳли илму адаб, донишҷўён ва хонандагони мактабҳои таълими ҳамагонӣ гирди ҳам меоянд, сухан аз ҳаёт ва эҷодиёти адибон ба миён меояд, мушоираҳо баргузор мешаванд... Ин ҳама аҳамияти калони тарбиявӣ дорад, ба рушди беш аз пеши адабиёт ва зуҳури истеъдодҳои нав замина мегузорад...

Номзади илмҳои филологӣ, адабиётшинос ва шоир Султонмурод Олим, ки дар навиштаҳояш ҳаққоният ва адолати иҷтимоӣ бештар риоя мешавад, доир ба мафҳумҳои «Адабиёти ўзбек» ва «Адабиёти Ватан» фикри солим дорад. Аз нигоҳи ӯ ҷуғрофияи «Адабиёти ўзбек» басе густурда аст. Ба намояндагони адабиёти ўзбек, аз дидгоҳи ӯ, шоиру нависандагоне дохил мешаванд, ки дар Ўзбекистони кунунӣ ва берун аз он эҷод кардаанд ва ё дар айни ҳол бо эҷод машғуланд. Мисолан, Алишер Навоӣ дар мавзее умр ба сар бурдааст, ки ҳоло онро Афғонистон ном мебаранд. Вале ӯ шоир ва мутафаккири ўзбек мебошад. Аз ин рӯ, мафҳуми «Адабиёти ўзбек», дар баробари шоиру нависандагони ватанӣ, шоиру нависандагонеро низ дар бар мегирад, ки дар дигар кишварҳо бо забони ўзбекӣ эҷод кардаанд, ё саргарми эҷоданд.

Доираи мафҳуми «Адабиёти Ватан» аз доираи мафҳуми «Адабиёти ўзбек» тангтар аст, мегўяд адабиётшинос. Аз нигоҳи ӯ, «Адабиёти Ватан» шоиру нависандагонеро дар бар мегирад, ки сарфи назар аз қавму нажод, дар маҳдудаи Ўзбекистон ба сар бурдаанд ва мебаранд. Мисолан, дар гузаштаҳои дуру наздик дар сарзамини Ўзбекистони кунунӣ бисёр шоиру нависандагони тоҷик низ ба сар бурдаанд, ки дар осорашон манзараҳои ин марзу бум инъикос ёфтааст. Бино ба натиҷагириҳои Султонмурод Олим онҳо намояндагони «Адабиёти Ватан» мебошанд Номи чанде аз онҳоро, мисли Исмати Бухороӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Аҳмади Дониш, Сайидои Насафӣ, Зардўзии Самарқандӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ... метавон ба забон гирифт.

Имрўз низ дар Ўзбекистони соҳибистиқлол адабиёти тоҷик зинда аст ва дар осори намояндагони ин адабиёт ҳаёт ва манзараҳои ин марзу бум инъикос меёбанд. Инҷониб бисёр мехостам, дар Ўзбекистони кунунӣ адабиёти тоҷик низ, ки бесобиқа нест, беш аз пеш ривоҷ ёбад.

Осори шоирони соҳибдевони тоҷик Исмати Бухороӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Аҳмади Дониш, Сайидои Насафӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва Садриддин Айнӣ — яке аз поягузорони адабиёти навини ўзбек...аҳамияти калони тарбиявӣ ва қимати баланди бадеӣ доранд.

Пешниҳод доштам, ки дар «Хиёбони адибон»-и пойтахт пайкараҳои шоиру нависандагони номбурда низ, ки намояндагони «Адабиёти Ватан» мебошанд, гузошта шавад. Зеро таъриҳ гувоҳ аст, ки адабиёти тоҷику ўзбек дар ҳамаи қарнҳо дар канори ҳам рушд кардаанд.

Фикр мекунам, ин кор ду аҳамияти калони тарбиявӣ дорад:

1. Дўстии азалӣ ва абадии халқҳои ўзбеку тоҷикро таҳким мебахшад.

2. Ба рушди забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикони ҷумҳурӣ низ, ки аз қавмҳои таҳҷойианд, мусоидат менамояд.

Абдулло СУБҲОН,
узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон.

Таассуроти сафар

БА ЧАШМОНАМ БОВАР НАКАРДАМ...

Баъди хонаву ҷойдор кардани фарзандон ва ба нафақа баромадан шахс аз кору бори зиндагӣ каме фориғ мешудааст. Ман рўзҳои холии худро ба саёҳати шаҳру минтақаҳои мухталиф сарф карданро дўст медорам. Ба бисёр шаҳрҳои Русия, Қазоқистон, Тоҷикистон ва дигар масканҳо саёҳат кардаам. Дар шаҳрҳои Хева, Урганҷ ва Нукуси Қароқалпоқистон шудам. Урфу одат, анъана, либоспўшиву таомҳои миллии минтақаҳо мухталифанд.

Солҳои 80-90-уми асри гузашта бо баҳонаи коре бо мошини худ ба Хуҷанд зудзуд рафта меомадам. Кўчаҳои шаҳр тор, чангу лой, боми хонаҳо паст, зиндагии мардумаш хоксорона буд. Ба қарибӣ аз ин шаҳри куҳану қадима бори дигар боздид намудам. Ба автобуси дуошёнаи барои мусофирон қулай "Тошканд – Хуҷанд" нишастам. Баъди ба Хуҷанд расидан ба чашмонам бовар накардам. Аз он кўчаҳои тангу тор, чангу лойолуд, хонаҳои пасту назарногир нишоне намонда буд. Шаҳр тамоман намои дигар гирифта буд. Кўчаҳои васеъ, равон, хонаҳои бисёрошёнаи замонавӣ, хиёбонҳои хушманзара дили касро равшан мегардонд. Ба бозори "Панҷшанбе" даромадам. Чи хеле ки мегўянд, фаровонии шаҳр аз бозораш аён, бозор пур аз меваю сабзавот, гўшту панир, нону фатирҳои равғанини миллӣ буд. Маданияти либоспўшӣ, муомилаву муносибати мардум маро шод гардонд. Дар ошхонае хўроки нисфирўзӣ тановул кардем. Хидматгорон низ бо самимият "хуш омадед, меҳмон" гуфта хизмат расонданд.

Дар кўчаҳои шаҳр автомобилҳои тамғаи хориҷӣ равуо доштанд.

– Ба шарофати истиқлолият ва роҳнамоии хирадмандонаи роҳбари давлатамон шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон ободу зебо мегарданд. Гузаргоҳҳои байни давлатҳоямон, ки солҳои тўлонӣ баста буданд, кушода шуданд, яхҳои чандинсола об шуданд. Дўстию бародарии халқҳои тоҷику ўзбекро мо дар симои бузургони хирад – Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ хуб медонем ва бешак, муносибати имрўзаи мо идомаи ҳамон дўстиву бародарии ду мутафаккири бузург мебошад, – мегўяд ронандаи таксӣ, ки Аъзамҷон ном дошт.

Дарҳақиқат, урфу одат, арзишҳои миллӣ, мақсаду орзуву ниятҳои ин ду халқ муштараканд. Дар пештоқи донишкадаву донишгоҳҳо ва биноҳои сар ба осмони Хуҷанд сурати Президент Эмомалӣ Раҳмон ҷо дошт, ки халқи худро ба роҳи рост, ба роҳи адолат, ба дўстию ҳамраъйӣ даъват мекард.

Зиёвиддин ЗАЙНИДДИНОВ,
сокини шаҳри Тошканд.

Машъалони маориф

ДАР МАКТАБИ ПЕШҚАДАМ

Тавре ки роҳбари давлатамон дар баромади худ ба муносибати Рўзи муаллимон ва мураббиён таъкид намуд, "илм, таълим, тарбия – ин ҳалқаи асосии тараққиёт, пешравӣ, нерӯи мағлубнопазир мебошад, ки иқтидори мамлакатамонро афзун менамояд". Аз ин рӯ, кормандони сохтори таълими халқи вилояти Самарқанд низ дар асоси ғояи «Ўзбекистони нав аз остонаи мактаб сар мешавад» амал карда, дар асоси донишу таҷрибаи муосир ва арзишҳои башардўстона дар беш аз 1 200 мактаби вилоят ба шогирдон таълиму тарбия медиҳанд, то онҳо соҳиби тафаккурот шуда, дар ҳаёт ҷойи худро ёбанду бо ифтихори баланди ватандорӣ хизматгузори фардои давлату миллат гарданд.

Боиси ифтихор аст, ки барои расидан ба рушду нумўъ ва пешрафту дастовардҳои рўзафзун мактаби таълими умумии рақами 21-уми шаҳри Самарқанд дар зинаи баланди рейтинги Садорати таълими халқи вилоят мебошад.

Дар тўли беш аз 80 сол арзи вуҷуд доштани мактаб бисёр шахсони фидоӣ мудири таълимгоҳ буданд. Нахустин директор М.Юсуфова, инчунин А.Раҳимов, И.Кученский, Ҳ.Абдураҳмонов, Н.Тўраев, А.Ғаниев, Қ.Тошматов, С.Меликова ва дигарон барои нуфузи хосса пайдо кардани маърифатгоҳ ва мутобиқи замон тарбия намудани насли наврас саҳми арзанда гузоштанд. Ҳоло мудир зани ташаббускору навовар Сабиҳа Рачабова аст, ки аз шогирдӣ то дарачаи саркорӣ мактаб расид.

Ў дар мактаб аълохон буд ва дар корҳои ҷамъиятӣ пешқадамиро аз даст намедод, ки соҳиби медали тилло гашт. Номаи камолро гирифту масъалаи интихоби касби оянда ба миён омад.

– Ҷони оча, – ба маслиҳат пардохт модари мехрубонаш Сафия Ҳалимова, ки дар шуъбаи матбуот ҳисобчӣ буд, – барои зан касби муаллимӣ пешаи хуб аст. Таҳқурсии донишат мустаҳкам. Бирав, бахтатро дар факултаи дилхоҳат бисанҷ. Ману падарат дуогўи ту ҳастем.

Сабиҳа аз санҷишҳои қабул сарбаландона гузашт ва номи талабаи факултаи физикаву математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқандро гирифт. Вай мактаби олиро низ бо дипломи имтиёзнок хатм намуда, фаъолияти меҳнатиро дар мактаби ҷонаҷонаш сар кард. Чанд муддат омўзгор буд, вале роҳбарон хислатҳои ташаббускору навоварии ўро ба ҳисоб гирифта, ҷонишин оид ба корҳои таълиму тарбия интихоб намуданд.

Соли 2020 директори мактаб Сайёра Меликова ба нафақа рафту ба ҷояш Сабиҳа Рачабоваро тавсия намуд. Сарвари собиқи Садорати таълими халқи вилоят Саидаҳмад Усмонов бо ў суҳбат ороста, ба ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва донишу нақшаҳои ояндаи муаллима аҳсант гуфт. Ва имрўзҳо ҳамчун сарвари таълимгоҳ вазифаи хешро сарбаландона иҷро менамояд. Агар дар соли хониши 2019-2020 аз 166 нафар хатмкунанда 28 нафар ба мактабҳои олӣ дохил шуда бошанд, соли гузашта ин нишондод 40 нафарро ташкил намуд.

Боиси ифтихор аст, ки дар байни хатмкунандагон ғайр аз Аввалин Президенти ҷумҳурӣ, инчунин академик, сафир, санъаткорон, доктори фанҳои тиб, ҳарбиён низ ба камол расиданд. Ҳоло ҳам мактаб аз рӯи рейтинг дар рӯйхати пешқадамон аст. Хонандагон Фирдавс Ҷўрақулов, Марҷона Нуруллоева, Абдулазиз Абдурафиқов, Парвина Маллаева дар озмуну олимпиадаҳои вилоятию ҷумҳурӣ ҷойҳои ифтихориро ба даст овардаанд.

Имрўзҳо толибилмони мактаб дар таҳтили зимистона ҳастанд. Аммо барои ҷамоа ҳамарўза кор аст. Шояд аз ҳамин сабаб ташвишу таҳлукаи директор бисёр.

– Сабаби комёбию пешравӣ, – бо табассуми ширин лаб ба сухан кушод Сабиҳа Мўҳсиновна, – аз роҳандозии босамари Барномаи таълими миллӣ дар асоси таваҷҷуҳи пайвастаи сарвари давлатамон аст, ки ба соҳаи маориф, ба тарбияи насли наврас зоҳир менамоянд. Мо методикаи таълимро куллан тағйир додем. Беҳтарин китобҳои дарсии хориҷӣ аз рӯйи фанҳои риёзӣ, физика, химиё, биология омўхта шуда, ба масъалаҳои баланд бардоштани малакаи омўзгорон, ҳамкорӣ бо волидайн, рағбатноксозии педагогҳои навовару шуҷоатманд диққату эътибор тағйир ёфт. Ҳоло дар мактаби мо 104 нафар муаллимон ҳастанд. Дар байни 83 мактаби шаҳр ва 1225 таълимгоҳи вилоят ҷойҳои фахрӣ насибамон гаштаанд.

Бояд дар омади гап бигўям, ки бо салоҳдиди Садорати таълими халқи вилоят мактаби мо ба маркази барномаи байналхалқии баҳодиҳии тести дониши хонандагон дохил гашт, ки ин шараф аст. Устодони соҳибтаҷриба Д.Холиқова, Ш.Файзуллоева, Ф.Сатторова бо роҳбарии ҷонишинам Д.Вафоева корҳои ибратбахшро ба фарҷом мерасонанд.

– Чанде пеш маҷлис бо волидайни хонандагон баргузор гардид, ки бори нахуст фақат падарҳо ташриф фармуданд. «Суҳбати мард асар кунад» гуфтаанд. Нотиқон таъкид карданд, ки таълим ва тарбияи сифатноки насли наврасро чунон бояд ташкил кард, ки онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ва аз лиҳози маънавӣ комилу ватанпарварони ҳақиқӣ ба воя расанд.

Ният дорем, ки имсол беш аз 50 фоизи хатмкунандагон ба мактабҳои олӣ дохил шуда, номи донишҷўро бигиранд. Ва барои ба муроди дил расидан имкониятҳо мавҷуд, – мегўяд ў.

– Зебунисо Нурмуҳаммадовна, ачиб, ба мактабҳои рейтингашон паст чӣ гуна «мукофоту рағбатноксозӣ» пешбинӣ шудааст?

– Дар асоси қарори ҳокими вилоят барои баланд бардоштани сифати таълим дар 200 мактаб, ки сифати таълим дар зинаҳои паст ҷойгиранд, профессору устодони ботаҷрибаи донишгоҳҳои Самарқанд вобаста карда шудаанд.

Мо аввало пойгоҳи моддӣ-техникии мактабҳои рейтингашон пастро омўхта, доир ба ҳалли муаммоҳо харитаҳои роҳ таҳия намудем. Вобаста ба салоҳияти омўзгорон дар асоси нақшаҳои қатъӣ курсҳои бозомўзӣ ва такмили ихтисоси онҳоро ташкил кардем. Якҷоя бо шуъбаи вилоятии маркази давлатии тест дар ҳар се моҳ аз хатмкунандагон аз рӯйи самтҳои интихобкардаашон санҷишҳои тест мегузаронем, – мегўяд роҳбари Садорати таълими вилоят Зебунисо Шодиева.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Яке аз панҷ ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, тарғиб намудани китобхонӣ дар байни аҳолӣ мебошад.

ҲОКИМ КИТОБ ТУҲФА КАРД

Баҳри иҷрои ин бахши ташаббус ҳокими вилояти Ҷиззах Эргаш Солиев ба Маркази ахбору китобхонаи ноҳияи Мирзочўл 527-то китоб туҳфа кард, ки намунаҳои беҳтарини адабиёти миллӣ ва ҷаҳонро дарбар мегирад.

Худи ҳамон рўз дар ин ҷо муаррифии китоб бо номи «Саёҳат ба олами китоб» низ баргузор гардид, ки пиру барно ҳозир шуданд.

Маркази ахбору китобхонаи ноҳия хазинаи маънавии худро бо китобҳои нав бой гардонд.

А.НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

ОРЕ, "ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН"

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дарк кардан мушкил аст, сардори Садорати туризм ва варзиши вилояти Навоӣ Саъдулло Мирзоев аз таъриҳи Нурато ва Чашмаи он то куҷо огоҳӣ дорад, бо хондани мақола дарк кардам, ки ў ба рўзноманигорон баъзан маълумоти носаҳеҳ додааст. "Моҳии чашмаи Нурато дар дарёҳои кўҳӣ низ вомехўрдааст ва ба забони илм онҳоро ширхўрон мегуфтаанд". Ошкор нест, кадом дарёҳои кўҳӣ? Дар шаҳри Нурато ва атрофи он дарё вуҷуд надорад. Баъдан, чунин моҳиҳо дар чашмаҳои Деҳи Баланд ва Ғазғон вомехўранд. Гумон меравад, ки ин чашмаҳо аз зери замин бо ҳам пайвандӣ доранд.

Моҳиҳои Чашмаро касе "ширхўрон" нагуфта ва наномидааст. Моҳии Чашмаро "ширмоҳӣ" (маринка) мегўянд. (Дар ин хусус Суюндик Мустафо Нуратоӣ дар «Табаррук нурли Нурота». Т., 2015, саҳ. 132-133.) муфассал ҳарф задааст).

Ҳазор сол муқаддам муаррих Абўбакр Наршахӣ навиштааст: "...Нур ҷойи бузургон аст ва дар вай масҷиди ҷомеъ аст ва работ (мусофирхона)-и бисёр дорад. Ва ҳар соле мардумони Бухоро ва ҷойи дигар ба зиёрати ин ҷо раванд... Ва касе, ки ба зиёрати Нур равад, фазилати ҳаҷ дорад ..." ("Таъриҳи Бухоро", Д., 1979, саҳ. 15). Дар ҳақиқат имрўз назди Чашма ду масҷид вуҷуд дорад: яке масҷиди ҷомеъ, ки аз он Наршахӣ ёдовар шудааст, масҷиди "Чилсутун" меноманд ва дигаре масҷиди "Панҷвақта" мебошад. Мирасрор Аҳроров аз роҳбалади худ маълумоте ба ин зайл пайдо кардааст. Ў менависад: "Ин масҷид (масҷиди "Чилсутун" – **Ў.Р.**) дар асри 9 сохта шуда, дар асри 16, ки ба замони салтанати Амир Темур рост меояд, аз нав эҳё гардидааст". Бешубҳа, масҷиди "Чилсутун" куҳантарин масҷид аст дар Нурато, вале қисмати дувуми ҷумла ба ҳақиқати таъриҳ созгор нест. Солҳои ҳаёти Амир Темур солҳои 1336 – 1405 буда, мутобиқ аст ба асрҳои 14 ва аввали асри 15. Охири асри 15, дақиқтар соли 1500 салтанати темуриён аз байн рафта, шайбониёни дашти Қипчоқ Мовароуннаҳрро истило карда, ҳукмроние ба даст гирифта буданд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои таъриҳӣ масҷиди ҷомеъи "Чилсутун" дар аҳди Абдуллохон аз нав бунёд гардидааст. Масҷид бори сеюм солҳои 1907-1912 бо ташаббус ва маблағи маорифпарвари машҳури нуратоӣ Эшони Судур – Турсунхўҷа Эшонхўҷа (1872-1936) тармим ва таъмир ёфтааст.Солҳои истиқлолият масҷиди"Чилсутун" аз нав тармим ва таъмир ёфта намуди имрўзааш гирифтааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки "Ин масҷид (масҷиди "Панҷвақта" – **Ў. Р.**) дар солҳои 1570-1582 сохта шудааст. Маълум аст, ки сохтмони масҷид бо фармони амири Бухоро Абдуллои 2 оғоз шудааст". Мо ин ҷо на ба мазмун ва маъной ҷумлаҳо, балки ба моҳияти ибораи "амири Бухоро" эътироз дорем. Шайбониён аз қавми муғул буданд ва онҳо давлати худро на аморати Бухоро, балки хонигарии Бухоро эълон доштаанд. Сулолаи мангитиҳо, ки худро аз қавми муғул намепиндоштанд, дар соли 1613 ҳокимиятро дар Бухоро ба даст даровард, давлати худро дар муқобили хони аморати Бухоро эълон кардаанд.

"Ба мо гуфтанд, – навиштааст М. Аҳроров, – ки мақбараи Нур Ота низ ин ҷо воқеъ гаштааст. Тибқи ривоятҳое, ки то кунун омадаанд, пас аз шунидани муъҷизаҳои чашма дар асри 9 шайх Аҳмад ибни Муҳаммад Абдул Ҳасан, воиз (воизи ислом) аз Бухоро ба ҳайси таблиғгари ислом ташриф фармудааст".

Ҳа, дар соҳили рости Чашма мақбараи мумтози Абулҳасани Нурӣ қомат афрохта. Дар санги сари қабр катибае кандакорӣ ёфтааст, ки бо матлаи зер оғоз ёфта:

Хоҷаи Нурӣ, ки зи анвори вай,
Гашт мунаввар ба ҷаҳон нури дин...

Ин ҷо ибораи "мақбараи Нур Ота" низ баҳсталаб аст. Дар Нурато шахси таъриҳӣ бо номи Нур набудааст ва чунин шахси таъриҳиро дар ягон сарчашма дучор накардаем. Дин маърифат аст. Ибораи "нури дин" ба маъной нури маърифат аст. Абулҳасан шахси бомаърифати замони худ буд. Ў аз аҳли тасаввуф, аз Ироқ аст. Таълимоти илми тасаввуфро аз Сарии Сақатӣ омўхтааст. Абдураҳмони Ҷомӣ Абулҳасани Нуриро «... ягонаи вақт, ўро амир-алқулуб ва қамар-ул суфия" хонда бошад, Алишери Навоӣ чун "музайин" ва "наччори хуб" ном бурдааст. Вазифа ва мақсади шайхҳо тарғиб ва ташвиқи дини мубини ислом буд. Овардани як таъкиди Мавлоно Ҷомӣ ба маврид аст: «Нурӣ бо нури фасоҳаташ аз асрори ботин хабар додӣ, ўро сумма буд дар саҳро, ки ҳама шаб он ҷо намоз кардӣ, халқ ба он ҷо наздик шудандӣ, диданд, ки нур аз он ҷо медурахшид ба боло".

Мегўянд, ки об рўшноӣ аст. Оби Чашмаи Нурато аз микроэлемент ва таркибҳои кимиёвӣ ғанӣ аст. Оби Чашма аз ҳуд нур истихроҷ мекунад. Ин ҳодисаи воқеӣ аст. Моҳҳои май-июни соли 2004 ба нурафкании оби Чашмаи Нурато мардуми маҳаллӣ ва сайёҳони зиёд шоҳид шудаанд. Дар ин хусус нигаред ба асари дар боло зикршудаи Суюндик Мустафо Нуатоӣ. (саҳ.133.) Ин макон маҳз туфайли оби Чашма Нур ном гирифта, баъдан Нурато гуфтаанд ва имрўз Нурота меноманд. Мафҳуми "Нурота" пас аз солҳои сиюми асри гузашта ба миён омадааст, ки то ин вақт дар ягон сарчашмаи хаттӣ дучор намешавад.

Ҳақ бар ҷониби Мирасрор Аҳроров аст, ки гуфта: "шунидан кай бувад монанди дидан". Баъзан гуфторҳои беасос муаллифон ва мардумро ба иштибоҳ меандозанд.

Ўзбакбойи РАҲМОН,
ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 715 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.